Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

11 декабри соли 2002. Чоршанбе № 96 (12838)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 17.30 имзо гардид.

Асоси ҳуқуқии ҳаёт ва пешрафтамон

Нутқи Ислом Каримов дар маҷлиси мутантан бахшида ба даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Ассалому алейкум, дўстони мўҳтарам! Ҳамватанони азиз!

Пеш аз ҳама иҷозат фармоед, ҳамаи шумоён ва дар шахсияти шумоён тамоми халқамонро бо иди фархундаи даҳсолагии Конститутсия—асоси ҳуқуқии ҳаётамон аз самими дил муборакбод намоям.

Дар бораи мазмуну мундариҷа, аҳамияти Конститутсия дар бобати бунёди ҳаёти нав, давлати нави ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатнок дар мамлакатамон бисёр ҳарф задан ва фикр рондан мумкин аст.

Имрўз дар маърўзаи Раиси Суди Конститутсионӣ Бўритош Мустафоев фикру мулоҳизаҳои пурмазмун дар бораи аҳамияти бузурги Конститутсия дар бобати ба даст омадани мақсадҳои некамон баён гардиданд.

Аз маврид истифода бурда, мехостам диққату эътибори шумоён, мўҳтарам иштирокдорони маҷлисро ба дигар масъала—пеш аз ҳама дар ҳаёт татбиқ гардидани қонунҳое, ки дар асоси Конститутсия қабул мешаванд ва дигар муаммоҳое ҷалб созам, ки ба ин масъалаи муҳим алоқаманд мебошанд.

Мо бояд эътироф намоем, ки ҳоли ҳозир барои мо аз ҳама масъалаи умда ин таъмини устувории қонун дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, тезтар даст кашидан аз тафаккури кўҳна, умуман аз нуқтаи назари шахшуда монда— пеш аз ҳама ба мадди аввал гузоштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ташкили кор дар ҳамин пойгоҳ, қатъан суръатфизоӣ бахшидан ба ин равандҳо мебошад.

Бо дигар суханон баён кунем, агар мо кадом қонуни ҳамаҷониба пухта ва ҳаматарафа таҳиягардидаро, ки асосашро андозаҳои аз ҳама боло ташкил медиҳанд, қабул накунем, агар меъёру талабҳои он дар амалия қувват пайдо накунанд, тамоми корҳоямон дар ин самт ягон самараи заруриро намебахшад. Ва чунин ҳолатҳо боиси сабаби эътирози табииву ҳаққонии шаҳрвандон мегардад.

Албатта, ба чунин саволҳо, аз қабили барои чӣ талабҳои меъёрҳои қонунгузорӣ дигар чиз асту дар бисёр ҳолатҳо ва мисолҳо онҳо дар ҳаёт дигар хел ҳастанд чизи дигар мебошад, ҷавоб дарёфтан душвор аст. Дар чунин вазъият чунин кайфиятҳо сар мезананд, ки қонун қонун асту дар ҳаёт ҳақиқат бештар дар тарафи шахсони мансабдор мебошаду суханони онҳо бештар вазн дорад.

Ва вақте ки одамон ба чунин ҳолатҳо рў ба рў мегарданд, ба пиндори ман, норозиён мақолеро ба хотир меоваранд, ки он чунин аст:«Бо арбоб бозӣ накун, вай мезананд бо ҳар боб». Ва он ҳақиқати талх аз ҳаёатамон мебошад.

Вақте ки мо давлати ҳуқуқбунёде, ки асосашро қонунгузорӣ ташкил медиҳад, месозем, набояд фаромўш кунем:набояд аз чунин ҳодисаҳо чашм пўшем, балки баракс сабабҳои онро решакан кунем ва қарори одилонаро дарёбем.

Ин пеш аз ҳама қарзи умумии мо, пеш аз ҳама, масъулияти сарварони мақомоти қонунбарориву иҷроия ва ташкилотҳо мебошад. Чунин вазъият на танҳо дар мо, дар мамлакате, ки ба қарибӣ роҳи рушди мустақилонаро пеш гирифтааст, ба қабули Қонуни Асосиаш даҳ сол пур шудааст, балки дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ҳам сар заданаш мумкин аст.

Вале бидуни шакку шубҳа, маҳз барои мо дар айёми кунунӣ масъалаи мазкур яке аз ҳалкунандаву умда барои муайян кардани пешомади калон, таҳкими эътимоди халқ ба оянда мегардад.

Қабули қонунҳое, ки ба талабҳои замонавӣ ҷавогўянду манфиатҳои амиқ ва саъю кўшиши ҳақиқии халқро ва мамлакатро ба назар мегиранд, ин як тарафи масъала аст.

Баробари ин мо хуб дарк кардаем, вақте ки мебинем қонунҳо кор мекунанд, дар амал татбиқи худро меёбанд, дар он сурат дар одамон кайфияти тамоман навро ба вуҷуд меоварад ва қаноатмандӣ мебахшад.

Агар дар бораи ҳаллу фасли ин муаммо сухан равад, барои ин лозим меояд пеш аз ҳама ба кадом чиз ҳам диққату эътибори махсус нигаронда шавад?

Баробари дигар масъалаҳо ва самтҳо мехостам мухтасар ба аз ҳама муҳимтарини онҳо истода гузарам:

Аввало, барои пурра дар ҳаёт татбиқ кардани Конститутсиямон мо бояд бисёр қонунҳои навро қабул кунем, ки ба талаби айём ҷавобгў бошанд. Мо дар бораи мазмун, аҳамият ва мундариҷаи қонунҳо бисёр фикр карда, санадҳоеро фаромўш мекунем, ки дар қонунбарорӣ барои иҷрои талабҳои пешгузоштаи онҳо аҳамияти калон доранд ва барои татбиқ кардани қонуни мазкур, баланд бардоштани масъулият дар ин масъала хеле зарур мебошанд.

Аз ин рў, ба саволи: ба кадом фоиз қонунҳоямон дар ҳаётамон татбиқи амалии худро пайдо кардааст, бо душвориҳои муайян ҷорӣ мегарданд, ҷавоб ёфтан кори сангин аст.

Дуюм, барои ба даст омадани устувории қонун дар ҷамъиятамон таъмини ҳақиқии мустақилияти се шохаи ҳокимият—қонунбарорӣ, иҷроия ва судӣ зарур аст.

Танҳо дар ҳамин маврид дар шоҳаҳои ҳокимият ба маънои бевоситаи сухан баробарвазнӣ фаро мерасад. Бо дигар ибора гўем, меъёри адолат ҳалалдор намегардад.

Пеш аз ҳама мо бояд ба мустақилияти ҳокимияти судӣ, мақомоти суд ва муносибати баробаронаи онҳо ба ҳамагон—новобаста аз он ки вай шаҳрванди оддист ва ё шахси мансабдор аст, таъмини волоият доштани қонун мебошад.

Сеюм, боз ҳам масъулияти ҳокимият ва мақомоти иҷроияро, хоҳ вай ҳокимият ва ё вазорат бошад, умуман шахсони мансабдорро барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошта баланд бардошта шавад. Ин талаб пеш аз ҳама ба мақомоту ташкилотҳои маъмурӣ, ҳифзи қонуну тартибот дахлдор аст.

Чорум, нақш ва аҳамияти ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон ва муассисоти шаҳрвандӣ баланд бардошта, назорати ҷамъиятӣ аз болои мақомоти давлатӣ пурзўр гардонда шавад.

Дар ин самт мо ҳоли ҳозир иқдоми аввалро гузоштаем.

Панҷум, дараҷаи дониши сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин фаъолнокии аҳли ҷамъият, аҳолӣ бояд баланд бардошта шавад.

Ба пиндорам, масъалаи манқурро бояд ҳамчун масъалаи дорои аҳамияти аввалиндараҷа баррасӣ намуд.

Ҳар як инсон бояд барои ҳуқуқҳои худ мубориза барад. Барои ҳар як инсон эътиқод ва эътимод набояд суханони хушку холӣ шуда монад, баракс, агар он барои вай манмуни амиқ касб кунад, виҷдони ўро азоб диҳад ва ба мунтазам фикр кардан водор созад, дар он сурат ин шаҳрванд бо ташвишу изтироби одамони атроф, маҳалла, халқ ва мамлакат ба ҳаёт сар бурдан маҷбур мегардад.

Зарур аст, то ҳи ҳар кадомамон аз иллатҳои бефарқӣ, сустии рўҳ, ки он дар суханони «ту ба ман нарас, ман ба ту намерасам» зоҳир мегардад, пурра халос шавем.

Агар дар ҷамъият миқдори чунин одамон зиёд мешуд, агар чунин ҳис бештар пурзўр мегардид ва он агар дар ҳаёти ҷавонамон маъвои қатъӣ пайдо мекард, агар ҳамин қабил ақидаҳо қисми ҷудонопазири тарзи ҳаёти онҳо мегардид, дар он сурат мо тезтар ба мақсадҳои пешгузоштаамон мерасидем.

Як тарафи сустии ин масъала— ҳар чи тезтар дар ҷамъият одамон, махсусан ҷавонони бо ҳамин тарз фикркунанда, ҷои худро ёбанд, бидуни шакку шубҳа дар байни курсинишинҳо ба одамони камсаводе ҷой намемонад, ки Конститутсияамон ва қонунҳоямонро эътироф мекунанду манфиатҳои шахсии худро аз манфиатҳои давлат, халқ боло мегузоранд.

Худ аз худ бармеояд:агар мо ҷамъияти адолатноку шукуфонро сохтанӣ бошем, дар тарзи ҳаёти рўзмарраамон бояд амиқан омўхтану пурра риоя кардани Конститутсия ва қонунҳоеро таъмин созем, ки дар пойгоҳи он қабул шудаанд.

Ҳамватанони азиз!

Ба ҳамаи шумоён маълум аст, ки як сол муқаддам дар ҳамин маҷлисгоҳ мо соли 2002-ро Соли эъзози куҳансолон эълон кардем.

Ба пиндорам, аҳли ҷамъиятамон хуб бохабар аст, ки мақсади асосӣ аз бо ҳамин ном эълон гардидани сол собитқадамона идома додани сиёсатамон, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мамлакату халқ баробари риоя намудани анъаноти қадима, боз ҳам таҳким бахшидани корҳои амалиамон нигаронда шудааст, буд.

Бо дигар суханон гўем, асоси сиёсати давлатии амалигардондаистодаамон, низоми давлатиамон, ҷамъияти наве, ки мо месозем, дар ҳаёт қарор ёфтани чунин арзишҳои инсонпарварӣ, аз қабили эҳтироми одамоне, ки дар бораиояндаи бузурги Ўзбекистон фикр мекунанду дар тўли бисёр солҳо ба ин кори муҳим саҳми худро гузошта, таҳқурсии онро ба вуҷуд оварданд, мебошад.

Ба ҳамин маънӣ, Соли манфиатҳои инсон ва ё Соли оила, Соли бонувон, Соли авлоди солим ва ё Соли модарон ва кўдакон, ё худ соли кунун Соли эъзози куҳансолон эълон гардиданаш мантиқан байни ҳамдигар узван пайваст мебошанд.

Ҳамаи мо—аз шаҳрванди оддӣ то одамоне, ки мансабҳои болоро бар дўш доранд, гувоҳи он мебошем, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт натиҷаҳоро дар корҳои амалии давлат ва ҷамъият дар бобати вазифаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятиамон ва имкониятро дар бобати истифодабарии воситаву маблағҳо барои амалӣ гардондани барномаҳо бахшидаанду фароҳам овардаанд, ки ба беҳдошти ҳаёти одамон нигаронда шудааст.

Агар ба соли сипаришудаистодаи 2002 аз ҳамин дидгоҳ назар афканем, натиҷаҳои амалии онро таҳлил намоем, бидуни шубҳа ба он эътимод ҳосил менамоем, ки барномае, ки дар доираи Соли эъзози куҳансолон қабул гардидааст, маънои амиқро на танҳо дар ҳаёти собиқадорони муҳтрамамон, модарон ва падарони иззатмандамон, балки тамоми ҳаёти ҷамъият пайдо кардааст.

Имрўз ман мақсади дар ин бора ҳисоботи муфассал доданро надорам. Чунки намояндагони ташкилотҳои дахлдор ҳисоботи худро оид ба иҷрои барномаҳо тавассути матбуот, радио ва телевизион, дар ҷамъомадҳои шаҳрвандон ва маҳаллаҳо медиҳанд.

Ман мехостам чанд мисолро дар самти мазкур баён кунам.

Корҳо дар ин самт чунон доманадор буданд, ки онро далели мазкур ҳам тасдиқ мекунад. Ба мақсади ҷонибдории моддии куҳансолон соли кунун ҳаҷмҳои нафақаҳо адолатнок аз нав дида баромада шуданд ва ҳаҷми он 1,3 баробар афзуд. Барои пешкаш кардани имтиёзи иловагӣ ба нафақахўрон танҳо Бунёди нафақа 39 миллиарду 600 миллион сўм ҷудо кардааст.

Ҷоиз аст қайд намоем, ки ҳамчунин як қатор тадбирҳо оид ба такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоии куҳансолон, беҳдошти хизматрасонии тиббӣ ба онҳо, хизмати санаториву курортӣ, коммуналиву маишӣ ва наклиётӣ ба рўи об баровarda шуданд.

Ба ҳамин муносибат зарур аст махсус зикр намоем, ки қариб ду миллион нафар куҳансолон аз муоинаи диспансериву тиббӣ гузашта, беш аз 30 ҳазор нафар мўйсафедону пиразанҳои иззатмандамон ройгон дар санаторияву сиҳҳатгоҳҳо табобат гирифтанд.

Дар ин бора ҳарф зада, бояд хотиррасон намуд, ки дар ҳамаи вилоятҳо бахшҳои корхонаи илмиву истеҳсолии «Офияти ортопедӣ» созмон ёфтанд. Корҳо оид ба фарогирондани эҳтиёҷмандон бо кўмак, собитқадамона давом карда, маълўлони куҳансол бо аробачаҳои махсус, асбобу ускунаи шунавоӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ таъмин шуданд.

Баробари ин ҷоиз аст, зикр намоем, ки соли ҷорӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон санатория-профилакторияи «Тахиатош», сиҳҳатгоҳи «Косонсой» барои собиқадорони ҷангу меҳнат дар вилояти Намангон, «Хонаи тандурустӣ» дар шаҳри Янгиери вилояти Сирдарё сохта шуданд.

Дар бораи аҳамияти калони корҳои иҷрогардида, албатта, ҳамчунин он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки дар тўли сипаришудаи соли кунун ба маълўлон ва одамоне, ки яккаву танҳо мондаанд, ба андозаи 1 миллиарду 340 миллион сўм кўмаки моддӣ расонда шуд, ки нисбати пешбинигардида се баробар зиёд аст.

(Давомаш дар саҳ.2)

Ифодагари ирода, рўҳ, шуури ҷамъият ва фарҳанги мардум

Имрўзҳо халқи Ўзбекистон анъанот ва урфу одатҳои гузаштагони худро идома дода, худаш тақдири хешро муайян сохта, қадашро рост намуда, баҳри дар сарзамини худ нигоҳ доштани сулҳу осоиш, ризоият, мўътадилӣ, ваҳдати миллӣ, некўаҳволии шаҳрвандон саъю кўшиш намуда, дар шароити нави таърихӣ давлати миллии худро бунёд карда, сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандиро мақсади аввалиндараҷаи худ қарор додааст. Яъне халқамон мақсаду омоли ҷандинасринаеро ба рўи об мебарорад, ки ниёкони бузургамон онро орзу карда, мубориза бурдаанд ва баҳри ба рўи об баровардани он ҳатто ҷони худро нисор кардаанд.

Ба ҳамагон аён аст, ки ҳар як ҷамъият ояндаи худро ба нақша мегирад, баҳри фароҳам овардани таҳкурсии мустаҳкам ба он саъю кўшиш менамояд. Агар ба ҳаёт аз ин нуқтаи назар назар афканем, дар он сурат мебинем, ки комёбии асосии давлатамон, ҷамъиятамон Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошад, ки даҳсолагии қабул гардидани он дар саросари мамлакатамон мутантан таҷлил мегардад. Он бесабаб нест. Конститутсия симо ва абрўи давлатро муайян мекунад. Тавассути ана ҳамин Қомус ҷаҳон давлатро ҳамчун давлат, миллатро чун миллат мешиносад. Қонуни Асосӣ аз азму ирода, рўҳи халқ, шуури ҷамъиятӣ ва дараҷаи фарҳанги он гувоҳӣ медиҳад. Зеро ягон шаҳрванд, ягон инсон ҳифзи ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии хеш, манфиатҳои қонунии худро бидуни Конститутсия тасаввур карда наметавонад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, бо назардошти анъанот ва тинати халқамон мо низ барои дар ҳаёт амалона татбиқ кардани равандҳои демократӣ, озод гардондани тамоми соҳаҳои ҳаёт пайваста мекўшем ва дар ҳаёти рўзмарраамон, дар ҷои кору истиқомат, таълимгоҳ ва ғайра алҳол ҳис кардаем, ки қадамот комёбиву мақсадҳоро ба даст оварда бошем, сараввал асоси онро Конститутсия—Қонуни Асосии мамлакат ташкил медиҳад. Охир, онро беҳуда Сарқонун ҳам ном намебаранд. Аз ин мебарояд, ки дар давлати мо низ асоси ҳуқуқӣ, тамоми низоми ҳуқуқ ва қонунгузори Қонуни Асосии мамлакат мебошаду дар ҳаёт бомуваффақият татбиқ гардидани талабҳои он аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Бо дигар суханон гўем, Конститутсия ин асоси озодӣ ва истиқлолиятамон буда, ҳар якеамон дар ҳаёти рўзмарра бештар ба нуктаҳое муроҷиат мекунем, ки дар Қонуни Асосӣ акси амалии худро пайдо кардаанду аз ин рў ҳар якеамон дар Қонуни Асосӣ такягоҳ ва ҳифозатгари худро мебинем.

Ва ба қабул гардидани ана ҳамин Қонуни Асосиамон даҳ сол пур шуд. Меҳнаткашони ҷумҳуриятамон даҳсолагии қабул шудани Конститутсияро васеъ таҷлил менамоянд ва он дар вазъияти вусъат додани равандҳои демократикониву озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, васеъ гардондани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву сиёсӣ, шахсӣ, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ такмил додани муносибатҳои иқтисоди бозаргонии ба иҷтимоиёт рўёваранда гузашта, онҳоро дар садаи нав собитқадамона идома медиҳем. Равандҳои мазкур инкишофи қонунии асосҳои конститутсионии давлати мустақиле мебошанд, ки соли 1992 Конститутсияи аввалини давлати мустақили Ҷумҳурияти Ўзбекистонро эълон кардаасту дар қонунҳо, қарорҳо ва санадҳои қонунгузорӣ инкишофи минбаъдаи худро пайдо намудаанд. Қонуни Асосиамон ирода, рўҳ, шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги мардумамонро ифода намудааст. Баробари ин он дар худ сарватҳои умумиинсониро таҷассум гардондаасту аз озмоишҳои айёму замон сарбаландона гузаштааст. Дар моддаҳо ва мазмуни умумиаш тафаккури миллӣ, арзишҳои исломиро таҷассум гардондааст. Хислатҳои бузурги аз қалби одамони ин кишвари қадима сахт маъво пайдо карда—адолат, ҳақиқат, имон, оличанобӣ, саховатмандӣ, шафқат, мардӣ аз он ҷои муносиби худро пайдо намудаанд. Дар амал ба ғояҳо ва сарватҳои умумиисонӣ—қарор ёфтани сулҳу осоиш, озодӣ, истиқлолият , бародарӣ ва дўстии халқҳову миллатҳо, мўътадилнокӣ дар мамлакат ва сайёра хизмат мерасонад. Аз ҳама муҳимаш, он ҷумҳурияти моро эҳё бахшид, ба истиқлолиятамон пойдевори мустаҳкамро гузошт. Конститутсия, ки мо ба сифати Қонуни Асосӣ қабул кардем, давлати моро давлат, миллати моро миллат кард. Ва он ҳуҷҷати ҳуқуқии муҳим гардида, аз ба арсаи ҷаҳонӣ баромадани давлати нави мустақил дарак дод, ки ояндаи бузургу дурахшони худро месозад.

Баробари сипарӣ шудани солҳо мо аҳамияти Қонуни Асосиро дар бобати рушд ва фаровонии ҳаётамон, дар тақдири Ватану халқ бештар дарк мекунем ва бесабаб онро Қонуни Асосии мамлакат наменомем. Чунки аҷдодонамон дар тўли қарнҳои бисёр аз хусуси давлати адолатнок, ҷамъияти фаровон ва ҳаёти озод орзу намудаанд. Чунин давлат, ҷамъият ва ҳаёти озод дар Конститутсияамон таҷассум гардидааст, дар он шаклҳо, симои аҳлоқии он муайян гардидаанд. Мутобиқати ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои ҳам давлат, ҳам ҷамъият ва ҳар як шаҳрвандро нишон додааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таҳким бахшида, озодии виҷдон ва эътиқодро таъмин сохтааст.

Ба қабул гардидани ана ҳамин Қонуни Асосиамон даҳ сол пур шуд, ки кафолатгари ҳуқуқии ислоҳоте шудааст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ба рўи об баровarda шуда, дар бобати таъмини ояндаи бузургу дурахшон нақши калоне мебозад.

Ба муносибати даҳсолагии қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Қасри «Туркистон»-и пойтахт маҷлиси мутантан ба амал омад. Дар маҷлисгоҳ фаъолони шаҳр, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маҳаллаҳо, сарварони вазорату идораҳо, аъзоёни ҳукумат, Мушовирони давлатии Президент, намояндагони корпуси дипломатии мамолики хориҷа, паёмнигорон ҳозиранд.

Маҷлиси мутантанро бо сухани муқаддимавӣ ҳокими шаҳри Тошканд Рустам Шоабдураҳмонов ифтитоҳ бахшид.

Суруди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон садо медиҳад.

Сухан ба маърўза ба муносибати даҳсолагии Қонуни Асосӣ ба раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон Бўритош Мустафоев дода мешавад. Маърўзачӣ дар бораи роҳи тўлонии қабулшавии Конститутсия, чӣ тавр таҳриру аз нав навишта шудани баъзе моддаву фаслҳои он нақл намуд. Фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои ҷудогонаи Қонуни Асосиро тавзеҳ дод.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов нутқ эрод намуд.

Сарвари давлатамон дар суханронии худ зикр намуд, ки дар бадали даҳ сол, ҳарчанд он барои таърих як лаҳзаина мебошад, дар бобати ба рўи об баровардани матлабҳои Қонуни Асосӣ бисёр корҳо ба иҷро расиданд ва дар ин муддат дар мамлакатамон дигаргуниҳои дар ҳақиқат бузург рух доданд. Ўзбекистон бо роҳи интихобкардаи худ оиди эҳёи арзишҳои миллӣ, ислоҳотҳои куллӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатноки шаҳрвандӣ гомҳои устуворона гузошт. Марҳала ба марҳала ба рўи об баровардани такмилдиҳии қонунгузорӣ, таҳкими қонуну тартибот, озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёт таъмин мегардад. Асоси комёбиҳоямон, ҳаёти осоиштаву осудаҳолонаамон, дилпурӣ аз рўзи оянда, пайваста афзудани обрўву эътибори Ўзбекистон дар арсаи байналхалқиро меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия ва дар ҳаёт бечуну чаро татбиқ гардидани онҳо ташкил медиҳад.

Вале оё матлабҳои он дар ҳаётамон пурра татбиқи амалии худро ёфтаанд? Барои чӣ чунин Конститутсияи инсонпарварона дар ҳаётамон пурра татбиқ намегардад, барои чӣ вай баъзан дар бобати он чизе, ки муваффақ шудан зарур аст, заиф мебошад, барои чӣ ин ҳуҷҷати бебаҳо дар амал бечуну чаро татбиқ намегардад? Барои чӣ қонунҳо, қарорҳо ва санадҳои қонунгузорие, ки дар пойгоҳи Қонуни Асосӣ қабул мегарданд, дар ҳаёти рўзмарра татбиқи амалии худро пайдо накардааст? Сарвари давлатамон чунин саволҳоро пеш гузошта, зикр намуд, ки дар бораи он кушоду равшан рўирост ҳарф задан лозим меояд.

Дар мамлакатамон анъанаи нек ҳукмрон аст, ки баъди эълон гардидани истиқлолият он акси амалии худро пайдо намуд. Мо дар остонаи Соли нав истода, барои худ мақсадҳои нав ба навро пеш мегузорем. Мақсад аз он аз ҳамин иборат аст, ки дар навбати аввал ба Соли нав бо ниятҳои неку хайр дохил гардем ва баробари ҳаллу фасли бисёр муаммоҳои соли фарорасида диққату эътиборро ба самтҳои муҳимтарини устувор, ба масъалаҳое ҷалб созем, ки аҳамияти калон доранд ва барои ҳаллу фасли онҳо тамоми қувва ва имкониятҳоро сафарбар кунем.

Сарвари давлатамон аз нигоҳи мантиқӣ ба ҳамдигар узван пайваст будани солҳои эълонгардидаро тавзеҳ дод ва зикр намуд, ки соли кунунро мо Соли эъзози куҳансолон эълон намуда будем. Ва он пеш аз ҳама ба эъзози куҳансолоне нигаронда шуда буд, ки дар тўли бисёр солҳо ба хотири фаровонии Ватанамон кор кардаанд. Ба ҳамин муносибат Барномаи давлатӣ қабул гардида, на танҳо дар ҳаёти собиқадорон, падарону модаронамон, балки дар тамоми ҷамъият изи фаромўшнопазире боқӣ гузошт.

Президентамон таклиф пеш гузоштанд, ки соли 2003 «Соли маҳаллаи обод» номида шавад. Ва таклифи мазкур аз тарафи иштирокдорони маҷлис бо чапакзании бардавом пешвоз гирифта шуд.

Маҷлиси мутантан бо консерти калони устодони санъат ва иҷрогарони ҷавон ба анҷом расид.

Э.ТУРДИҚУЛОВ.

Муборакбодиҳои самимона

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Аз номи халқи Иолоти Муттаҳидаи Амрико ба муносибати Ийд ал-Фитри муборак ба тамоми халқи Ўзбекистон дархостҳои аз ҳама беҳтаринамро ирсол мекунам.

Иолоти Муттаҳид маъвои умумӣ ба динҳои насронӣ, яҳудӣ, ислом ва бисёр вакилони динҳои дигар мебошад. Халқи Амрико ҳуқуқи тамоми одамонро барои эътиқодашон ба динҳо қадр менамояд.

Қайдкунии Ийд ал-Фитр ба ҳамаи мо аз хусуси аҳамияти озодона эътиқод намудан хотиррасон мекунад, ки яке аз ҳуқуқи асосии инсон ба ҳисоб меравад. Иди мазкур барои Ўзбекистон, ки дар тўли бисёр солҳо гаҳворачунбони таҳаммули Ислом, ҳамчунин ватани арбобони аз ҳама намоён на танҳо дар илоҳиёти ислом, балки адабиёту илму ҷаҳон мебошад, аҳамияти махсус касб мекунад. Халқи Амрико ба таърихи шумоён бо ҳурмат назар меафканад ва дўстиро ба шумоён воло арзёбӣ мекунад.

Аз номи халқи Амрико ба Шумо соли бахузуру ҳаловатро таманно дорам.

Бо самимият,

Ҷорҷ БУШ,
Президенти Иолоти Муттаҳидаи Амрико.

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар мавриди Иди бузурги Рамазон —Ийд ал-Фитр аз номи халқи Шоҳигарии Ҳошимиён ва Ҳукумати он ба Шумо, Аълоҳазрат муборакбодиҳои самимонаамро ирсол мекунам.

Мо, ба Шумо тани сиҳҳати мустаҳкам ва хушбахтӣ, ба халқи бародари Ўзбекистон пешрафт ва шукуфонии минбаъдаро таманно дорем.

Бо камоли эҳтиром

АБДУЛЛОИ II, Шоҳи Ўрдун.

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон.

Дар мавриди Ийд ал-Фитр аз ба Шумо ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин оид ба бахту саодат ба Шумо, ба халқи бародари Ўзбекистон пешрафт ва фаровонӣ бениҳоят хурсанд ҳастам.

Аз Оллоҳи Қодир ба уммати ислом сулҳу осоиш ва амониро мепурсам.

Бо камоли эҳтиром

Қобус БИН САИД,
Султони Уммон.

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Оллоҳ он зотро дар паноҳи худ нигоҳ дорад
Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу

Дар мавриди иди бузурги Ийд ал-Фитр аз ба Шумо Аълоҳазрат ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин қаноатманд ҳастам. Ба Шумо тани сиҳҳати мустаҳкам ва бахту саодат, саъю кўшишатон дар бобати равнақи Ватанатон, дини ислом ва хизмататон ба мусалмонон комёбиҳоро таманно дорам.

Аз Оллоҳ ба халқатон, тамоми уммати ислом бахшидани бахту саодат, қуту баракаро мепурсам. Оллоҳу Субҳонаҳу ва Таъоло рўзаи дар Моҳи Рамазон гирифтаамон ва ибодатҳоямонро қабул фармояд.

Дар ин айёми фархунда аз Оллоҳ ба халқи Ўзбекистон тараққиёт, равнақ ва фаровонӣ, ҳамчунин дар бобати мустаҳкам кардани сафи уммати ислом ба Шумо ёр гардондани омадро мепурсам.

Бо камоли эҳтиром

Абдулвоҳид БЕЛКАЗИЗ,
Сармуншии Ташкилоти Конфронси Ислом.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар бораи бо ордени «Дўстлик» мукофотонидани Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Озарбойҷон дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон Айдин Алибекович Азимбеков

Барои ҳиссаи калонаш дар рушди муносибатҳои дўстона байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ҷумҳурияти Озарбойҷон, таҳкими ҳамкории ба ҳамдигар муфид дар соҳаҳои мухталиф ва ба муносибати ҳафтодсолагиаш Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Озарбойҷон дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон Айдин Алибекович Азимбеков бо ордени «Дўстлик» мукофотонида шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.
Шаҳри Тошканд, 9 декабри соли 2002.

Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

9 декабр маҷлиси хотимавии гурўҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм ба амал омада, таҳти сарпарастии сарвари гурўҳи корӣ, ҷонишини Раиси Олий Маҷлис Б.Бугров гузашт.

Дар маҷлис натиҷаҳои корҳои ба иҷрорасида оиди тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи даҳуми парлумон даъвати дуюм ҷамъбаст гардиданд. Сарварони зергурўҳҳо Н.Исмоилов, Н.Ҷўраев, М.Умаралиев хабар доданд, ки лоиҳаи қонунҳо ва дигар маводҳое, ки ба баррасии иҷлосия пешкаш мегарданд, сари вақт ба вакилони халқ фиристода шуданд. Фаъолияти кумитаҳо ва комиссияҳо, гурўҳҳои корбасти Олий Маҷлис ҳини марҳалаи тайёрӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан гардиданд. Масъалаҳои ташкиливу техникии хизматрасонӣ ба вакилони х алқ ҳаллу фасли худро ёфта, шароити зарурӣ дар давраи кори иҷлосия ба онҳо фароҳам оварда шуданд.

Раисони кумитаҳои Олий Маҷлис дар бораи рафти қонунбарорӣ хабар дода, зикр намуданд, ки аз фраксияҳои вакилони халқи ҳизбҳои сиёсӣ, блокҳои вакилони халқ, интихобкунандагон, ташкилотҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба миқдори зиёд таклифҳо расиданд. Тамоми таклифу мулоҳизаҳои расида аз тарафи кумитаҳои Олий Маҷлис омўхта, ҳангоми таҳияи хотимавии ҳуҷҷатҳо ба назари эътибор гирифта мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2)

Дар бораи кушоиши иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм

Иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм 12 декабри соли 2002 дар шаҳри Тошканд соати 10-и пагоҳӣ дар маҷлисгоҳи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон кушода мешавад.

Ба маълумоти вакилони халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Вакилони халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон имрўз, 11 декабр аз соати 9.00 то 18.00 дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон номнавис карда мешаванд.

Ба маълумоти вакилони халқи Олий Маҷлис, ки ба тартиби фраксияҳои вакилони халқи ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳои вакилони халқ шомиланд

11 декабр дар Олий Маҷлис соати 13.00 маҷлисҳои блоки вакилони халқ аз гурўҳи ташаббускорони интихобкунандагон, соати 15.00 Фраксияи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва блоки вакилони халқ аз мақомоти сернамояндаи ҳокимият ба амал меоянд.

Асоси ҳуқуқии ҳаёт ва пешрафтамон

(Аввалаш дар саҳ.1)

Он чиз боиси диққату эътибор аст, ки ба ҷуз ин аз ҳисоби давлат қариб 900 манзили куҳансолон тармим гардид. Мувофиқи барномаи давлатии пешбинигардида кӯмаки имтиёзнок ба 11 ҳазору 700 нафар куҳансолони якка расонда, ба онҳо беш аз 3 ҳазор нафар ҳамшираҳои шафқат хизмат мерасонанд. Фаъолони ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» 3 ҳазору 700 нафар собиқадоронро ба шефӣ гирифта, мунтазам кӯмак мерасонанд.

Аз ин рӯ зарурат дар бобати бори дигар ҳарф задан оиди тарафи ахлоқии масъала нест. Чунки торафт куҳансолони мо ба диққату эътибори оила, маҳалла фаро гирифта шудаанд, онҳоро ба тантанаҳо даъват мекунанд ва онҳо аз ҷониби ҳамагон ба ҳурмату эҳтиром сазовор гардидаанд.

Аз маврид истифода бурда, ба фикрам агар миннатдории худро ба одамоне, ки ба ин кори хайр ҳиссаи муносиби худро гузоштаанд, саховатқалбӣ ва шафқат зоҳир кардаанд, намояндагони ташкилотҳои мухталифи хайрот баён созам, ба онҳо тандурустӣ, бахту саодат, некиҳои навбатиро таманно созем, аз рӯи адолат мебуд.

Гап дар сари он аст, ки онҳоро касе ба ин кор маҷбур накардааст. Моро беҳад дар ҷамъиятамон рух додани ҳамин қабил дигаргуниҳои мусбӣ, торафт пурзӯр гардидани ҳисси некхоҳӣ ва шафқат байни одамон хеле хурсанд мекунад.

Бешак, диққату эътибор ба падару модарони куҳансоламон, фаъолият дар ин самт танҳо бо ҳамин сол маҳдуд намегардад, дар марҳалаи нав, дар шакли нав собитқадамона идомаи худро пайдо менамояд.

Зеро ҳамаи мо дар назди куҳансолоне, ки моро ба дунё овардаанду ба камол расондаанд, бо меҳнати худ ба кори умумии мо саҳми калон мегузоранд, як умр қарздорем. Эҳтиром намудани онҳо қарзу ӯҳдадории муқаддаси ҳар кадомамон мебошад.

Дӯстони мӯҳтарам!

Ба ҳамаи хушу хурсандӣ ва ғаму андӯҳ, ташвишу изтироб нигоҳ накарда, ҳаёт давом мекунад.

Ана дере нагузашта соли нав ворид мегардад. Боварӣ дорем, ки он боз ҳам хубу саховатманд мегардад. Оллоҳ дар ин сол ҳам марҳамати худро аз мо дареғ намедорад, сулҳу салоҳ ва осудаҳолӣ, хушбахтии оилаҳои моро таъмин месозад.

Бори дигар он нуктаеро гуфтаниам, ки борҳо такрор ба такрор иброз доштам: агар мо бо орзуву омоли неку соф ҳаёт ба сар барем, дар қалбамон Оллоҳро нигоҳ дорем, аз ӯ марҳамат пурсем, мӯътақид ҳастам, ки Оллоҳ нисбати мо шафқат зоҳир мекунад.

Фикру мулоҳизаҳои халқамонро, ки бо ҳамин орзу соли навро мунтазир аст, мехоҳад, ки сол хушу хурсанд, саховатноку фаровон бошад, ба назар гирифта, як таклифро пеш мегузорам: соли 2003-ро Соли маҳаллаи обод эълон намоем.

Ҳамватанони азиз!

Агар ба ин масъала доманадор муносибат карда шавад, дар он сурат саволи табиӣ ба миён меояд: барои чӣ ба соли нав чунин номгузорӣ мекунем?

Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки вақте ки мо «маҳалла» гӯем, пеши назар на танҳо кӯчаву мавзеъҳои зебо, балки маскане, ки дар он сулҳу осоиш ва осудаҳолӣ, эҳтирому эътимоди байниҳамдигарӣ, дӯстӣ ва муттаҳидӣ, фаровонӣ ва шукуфонӣ ҳукмрон аст, ҷилвагар мегардад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ба фикрам зарурат ба он нест, ки дар хусуси ин низоми нодир, аз қабили маҳалла ҳарфи зиёде гӯем.

Зеро ҳамаи мо мебинем, ки дар ҳаёти одами дилхоҳ, ҳар як оила, дар идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар муттаҳидкунии одамон, таҳкими қонуну тартибот дар маҳалли истиқомат, дар татбиқи низоми худидоракунӣ ҳамарӯза нақш ва аҳамияти маҳалла меафзояд.

Агар дар ҳаётамон мақоми маҳалла боло гардад ва асосҳои ҳуқуқии он ҳаматарафа таҳкиму инкишоф ёбад, агар мо ин муассисотро ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷамъиятамон ба сифати низоми аввали идора пурзӯр гардонем, барои он тамоми шароити моддиву молиявиро фароҳам оварем, ба пиндорам, он иқдоми муҳим дар роҳи ба даст омадани комёбиҳо ба сӯи мақсадҳои волои дар наздамон гузошташуда мегардад.

Бисёриҳо хуб медонанд, ки мақоли «Падарат ҳам маҳалла, модарат ҳам маҳалла» чӣ гуна маънои амиқро молик аст.

Агар мо на дар сухан, балки дар амал маънии ҳақиқии ин ифодаро амалӣ гардонданӣ шавем, дар он сурат тамоми ононе, ки дар маҳалла истиқомат доранд, хоҳ бева ва ё маълӯл бошанд, оилаи ноқобил ва ё куҳансоли якка бошанд— ба ҳамаи онҳо мо бояд на танҳо аз ҷиҳати моддӣ кӯмак расонем, балки ба онҳо диққату эътибор ва ғамхорӣ зоҳир намоем.

Агар оқсақолону фаъолони маҳалла дар бобати кӯмаку ҷонибдории одамони эҳтиёҷманд онҳоро яккаву танҳо намонанд, ба мақсади ҳифзи онҳо муассисоти давлатӣ, шахсони мансабдорро безобита кунанд, агар босамарии корҳои имрӯзаро боз ҳам баланд бардоранд, яъне агар маҳалла ба маънии аслиаш нақши волидонро бозад, дар он сурат мо бешак ба бисёр чиз муваффақ мегардем ва ба миннатдории ҳаққонии одамон сазовор мегардем.

Вале ҳамаи мо хуб дарк бояд намоем, ки ҳаллу фасли ин масъала на танҳо ба низоми имрӯзаи маҳалла, фаъолнокиву ташкилотчигии он вобастагӣ дорад.

Барои ин ҳар кадом оид ба минбаъда пурзӯр кардани ҷонибдории давлатӣ, ба маҳалла пешкаш кардани ваколатҳои дахлдор, аз нав дида баромадани оинномаи он, вусъат додани имкониятҳои он, пеш аз ҳама таҳкими заминаи моддии онро фикр кунем ва дар ин бобат ҷиддан фаъолият пеш барем.

Агар бигӯем, ки масъалаи аз ҳама умда дар пойгоҳи расмӣ, яъне асоси ҳуқуқӣ ба роҳ мондани равобити маҳаллаҳо бо ҳокимиятҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳо, мақомоти маъмуриву ҳифзи қонуну тартибот, бо ташкилотҳои ҷамъиятиву ғайридавлатӣ, сиёсӣ, ҳамчунин ҳаллу фасл намудани тамоми муаммоҳо дар ин самт мувофиқи тартиби қонунӣ мебошад, хато намебуд.

Зеро агар ин масъалаҳо ҳаллу фасл нагарданд, мо аз маҳаллаҳо бисёр масъулиятро талаб карда наметавонем.

Бояд эътироф намуд, ки имрӯзҳо мо ба зиммаи маҳаллаҳо вазифаҳои бисёреро гузоштаем. Аз ҳамин сабаб, ба пиндорам, айёми аз нуқтаи назари қонунӣ мушаххасан муайян кардани ба ҳаллу фасли кадом масъала ҳокимият, ба кадомаш маҳалла ҷавобгар аст, даррасидааст.

Ба муносибати Соли Маҳаллаи обод барномаи махсуси давлатӣ қабул гардида, ба ҳукумат фармоиши зарурӣ оид ба иҷрои он дода мешавад.

Дар бораи маҳалла ҳарф зада, мехостам, диққату эътиборро ба боз як масъалаи муҳим ҷалб созам.

Ҷанбаи махсуси ҳаётамон мавҷуд аст, ки бо он маҳдуд гардидан, бо ягон қонун ва ё ҳуҷҷати расмӣ онро муайян кардан мумкин нест.

Ва он бевосита ба маънавиёт, шуурнокии мафкуравӣ ва афкори одамон алоқаманд мебошад.

Аз он ҷумла, муносибатҳои мутақобилаи одамон, муносибатҳои оилавӣ, ҳамсоягӣ, пайвандии онҳо ҳамаи он олами ба худ хос ва сирнок буда, чашмандозии ниҳоят эҳтиёткорона ва холисонаро тақозо дорад.

Чунин муносибатҳоро бо тартиби расмӣ, қонунҳо ва фармоишҳо муайян кардан мумкин нест.

Дар Шарқ дар фалсафаи ислом мушоҳада кардан мумкин аст, ки некхоҳӣ ва шафқат дар зиндагонии одамон дар маҳаллаҳо-ҷамоаҳо ва дар муҳити нигоҳ доштани сулҳу салоҳ ва осудаҳолӣ дар ҷамъият зиндагӣ кардан, то чӣ андозае муҳиму пураҳамият аст.

Дар бораи аҳамият ва нақши маҳалла ҳарф зада, ба пиндорам, ҳамин қабил муассисоте нест, ки ин қадар амиқ ва возеҳ олами маънавии инсон, оиларо муайян мекунаду қодир аст ба ин олам ворид гардида, ба тамоми силсилаи ташкил ёфтани он саҳеҳ таъсир расонда тавонад.

Ҳамватанони азиз!

Аз маврид истифода бурда, мехостам ба арзишҳои ба халқамон хос истода гузарам, ки дар ҳаётамон ва маҷроҳои он ҷои муҳимро ишғол мекунанд.

Тахти мафҳуми «арзиш» мо анъанот ва урфу одатро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ба вуҷуд омадаанд, дар ҳаёти одамон, дар олами ботинии онҳо ҷои мустаҳкамро ишғол намудааст, мефаҳмем. Ва ҳарчанд онҳо дар ягон ҳуҷҷати расмӣ акс наёфтаанду ҳамагон ба он риоя мекунанд, он аз ҳуну мағз андар мағзи одамон ҷойгир гаштааст.

Бо дигар суханон бигӯем, то замоне ки инсоният мавҷуд аст, миллат арзи ҳастӣ мекунад, баробари он дар якҷоягӣ хислатҳои ба он хосе зиндагӣ мекунанд, ки дар тӯли садсолаҳо муқаддас гардидаанду хислати ба худ хоси ин халқро ифода месозанд.

Табиист, ки зарур аст арзишҳои олиҷанобонаи ниёконамон, анъанот ва урфу одатҳои некамон, ки фахру ғурур ва шӯҳрати халқи моро ғанӣ месозанд, ба сифати арзиши бебаҳо ба авлоди оянда расонда шавад. Оид ба ин масъала дар ягон кас шакку шубҳа нест ва буда ҳам наметавонад.

Зарурат ба он нест дар бораи корҳое, ки солҳои охир оид ба қарор ёфтан ва татбиқ кардани арзишҳои мазкур, ободгардонии қадамҷои ниёкони бузургамон, омӯзондани мероси онҳо ба иҷро расонда мешаванд, ҳарф занем.

Зеро бидуни онҳо моояндаи бузургамон, то чӣ андоза решаамон амиқ, таърихи халқамон дуру дароз асту то чӣ андоза оояндаи бузургро соҳиб ҳастем, тасаввур карда наметавонем.

Вале дар зиндагиамон анъанот ва урфу одатҳои кӯҳнае ҳаст, ки онҳоро ба арзишҳои асринаи миллатамон ва халқамон мансуб донистан мумкин нест.

Дар ин ҷо сухан аз чӣ меравад?

Сухан пеш аз ҳама аз зуҳуроти манфие, ки тахти ниқоби анъанот ва урфу одатҳо ба ҳаётамон дохил мегарданду тӯйҳо ва маросимҳои дабдабанок, карру фаре мераванд, ки арзишҳои миллии моро бадном месозад.

Дар зери асоси ин зуҳурот чунин иллатҳои гузашта, ки ба як қатор одамон мутааллиқ асту он шӯҳратпарастӣ, дабдабабозӣ, худнамоӣ мебошад ва бояд кушоду равшан бигӯем, ки аз ҳисоби маблағи бедардимиён, сарвати ғайриқонунӣ ба даст омада ба рӯи об баровaрда мешавад, хоб меравад.

Ҳарчанд талх бошад ҳам, имрӯз дар бораи он ҳарф задан мумкин нест.

Бешак, ба мо лозим аст кушоду равшан бигӯем, ки шахсони муайяне ҳастанд, ки ба ташкил кардани тантанаҳои дабдабанок сарварӣ мекунанд, тадбирҳои нав ба навро фикр карда мебароянд ва аз ҳамин ҳисоб ким кадом манфиатҳоро пеша мекунанд ва бо ном онҳо касбиён дар ин соҳа гардидаанд.

Албатта, мо дар ин бора чандин маротиба ҳарф задаем. Дар ин мавзӯъ аҳли ҷамъият, матбуот, радио ва телевизион, фаъолони кумитаҳои занон, оқсақолони иззатманд баҳсу мунозирае мекунанд.

Ба назар чунин мерасад, ки чунин маъракаҳои дабдабанок бори гарон ба зиммаи ҳар оила, волидон аст.

Охир аз он асосан оилаҳои серфарзанд азоб мекашанд. Оқибат онҳо ба қарз ғӯта мезананд ва барои он ки аз қарз халос шаванд, сар набардошта меҳнат мекунанд.

Як шиноси деринаам ҳаст. Баъзан вохӯрда, баъзан ба ҳамдигар тавассути телефон занг мезанем. Ҳанӯз аз ташвишу изтироби тӯи чор-панҷ фарзанди худ халос нашуда, ба тантанаи навбатӣ тайёрӣ мебинад. Маълум мегардад, ки вай бояд барои набераашон «гаҳвора тӯй» карда диҳад.

Агар бо одамон дар ин хусус сӯҳбат намоед, онҳо мегӯянд, ки чӣ кор кунем, он урфу одати ўзбекона аст, охир вай, ору номус мебошад. Халқамон як ибораи худро дорад:«дар қатори дигарон».

Ва маънии ин ибораро дуруст дарк кардан, пеш аз ҳама мазмуни дар ризоият зиндагӣ кардан бо ҷамоа, маҳалла, ҳамсоягон, аспи қашқо нашудан дар байни онҳо, ҳамеша аз рӯи виҷдон арзи амал карданро дорад.

Ба фикрам, он мафҳуми аз ҳама олиҷанобона аст.

Зеро он дар тӯли асрҳо ба вуҷуд омадааст ва қоидаи олиҷанобона буда, маънии одамонро бо офат дар соатҳои душвор яккаву танҳо намондан, ба онҳо ҳамдард шудан, бо ҳам дидани ташвишу изтироб ва хушу хурсандӣ, якҷоя мубориза бурдан ба муқобили тамоми иллату офатҳоро дорад.

Аз ҳамин сабаб мо ин мафҳумро бояд аз қалби худ ҷо гиронем, то шуури бачагони ба балоғат расидаистодаамон расонем,онро ба воситаи таъсирбахше табдил диҳем, ки муттаҳидии халқро ифода месозаду ва он ба мо қувваву ғайрат мебахшад.

Вале он одамонеро, ки чунин мафҳуми олиҷанобаро ба чунин ҳолат овардаанду **бо қалбакикунии он машғуланду бар хилофи маънии солими одатҳо мебошанд**, тӯйҳо ва тантанаҳоеро, ки аз ҷиҳати табиати худ, имконияти худ ба даромадашон мувофиқат намекунаду мегузаронанд, барояшон зарари калонро меоварад, фаҳмидан душвор аст.

Агар мо дар ин бора ҷиддан фикр кунем, ба таърих муроҷиат созем, моҳияти ҳақиқии арзишҳоро дарк кунем, дар он сурат возеҳу равшан мегардад, ки **ҳамаи ин душвориҳо ба зиммаи одамон бори гарон, аниқтар гӯем, вазифаи доимии душвор мегардад.**

Агар мо як қисми маблағи ба тӯй таъингардидаро барои эҳтиёҷи ҳақиқии ҷавонон, сабук кардани ташвишҳои маъво, тандурустӣ, тарбия ва таълими бачагон, алқисса, ба мақсадҳое, ки ба тарзи кунунии ҳаёт созгоранд, харҷ мекардем, дар он сурат он кори аз ҳама оқилонаву олиҷанобона мебуд.

Агар сухан дар бораи урфу одат ва маъракаҳои динӣ равад, ман аз фикри баён кардани хулосаҳои хотимавӣ дар ин бобат дур ҳастам.

Дар ин бора фикри худро пеш аз ҳама арбобони динӣ ва ташкилотҳои динӣ баён созанд ва корҳои васеи тавзеҳотиро ба рӯи об бароваранд.

Албатта, дар ин бобат онҳо корҳои муайянеро ба иҷро расондаанд ва мебояд он боз ҳам пурзӯр гардонда шавад.

Ман танҳо мехостам хотиррасон намоям, ки дар ягон китоби муқаддас гуфта нашудааст, ки урфу одатҳои динӣ ба маъракаи дабдабанок мубаддал карда шавад ва он бархилофи арконҳои дини исломамон аст.

Дӯстони азиз, агар шумоён дар хотир дошта бошед, се-чор сол муқаддам мо қарори махсусро оид ба ин масъала қабул карда будем. Дар он зикр ёфта буд, ки исрофгарӣ ҳангоми гузарондани тӯйҳо, тантанаҳои оилавӣ, тадбирҳо бахшида ба хотираи фавтидагон роҳ гузошта, вазъи одамони дар шафаташон зиндагӣ кардаистода ба назар гирифта намешавад, ҳамчунин дигар тадбирҳои мушаххас оид ба масъалаи мазкур пешбинӣ гардида буданд.

Баъди эълон гардидани қарори мазкур гузарондани тантанаҳо ва дигар тадбирҳо дар маҳалҳо ба тартиб афтиданд. Вале, мутаассифона кори мазкур боз аз назар ниҳон монд.

Ман чунин таклифро пеш мегузорам. Бигузор, саравввал ҷамъомади шаҳрвандон ва кумитаҳои занон вазъиятро дар маҳалҳо омӯзанд ва таклифу тавсияҳои худро доир ба он пешкаш созанд.

Бо назардошти ана ҳамин таклифу тавсияҳо, агар зарур бошад, мо қарори навро қабул мекунем.

Ниҳоят мувофиқи мақсад мебуд, агар дар он тадбирҳои амаливу таъсирбахш пешбинӣ гардида, тамоми фаъолият ба қувваи аҳли ҷамъият такя намуда, пеш бурда шавад.

Ман мӯътамад ҳастам, ки дар мо қувва ва имконият барои оқилона ҳаллу фасл намудани муаммои мазкур бо кӯмаки халқи солимфикру соҳиби таҷрибаи асринаҳо, оқсақолоне, ки бисёр чизро аз сар гузарондаанд, қатъияти модарон ва хоҳарон, фаъолони маҳаллаҳо, аҳли васеи ҷамъият ҳаст.

Дӯстони мӯҳтарам!

Аз маврид истифода бурда шумоёнро бо ҷашни даҳсолагии Конститутсияамон бори дигар муборабод менамоям.

Баробари ин аз тахти дил шумоёнро ва дар симои шумоён тамоми ҳамватанонро бо Иди муқаддаси Рамазон, ки баробари тамоми мусалмонони дунё бо хушу хурсандӣ халқи мо низ пешвоз мегирад, муборакбод мекунам.

Ба ҳамаатон тандурустӣ, хушбахтӣ, комёбиҳо, сулҳу салоҳ, ризоият, бахту саодат ва фаровониро дар маъвоятон таманно дорам.

Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.1)

Сарвари гурӯҳи корӣ зикр намуд, ки дар иҷлосия баррасӣ кардани 16 масъала дар назар дошта шудааст. Дар байни онҳо лоиҳаҳои қонунҳои конститутсионӣ дар бораи Сенат ва Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ҳам мебошанд. Таҳияи ин лоиҳаи қонунҳо ва ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагӣ, ҳамчунин дар иҷлосия баррасӣ гардидани лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи тамоюлҳо ва кафолатҳои озодии иттилоотӣ», «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» (бо таҳрири нав) боз як далел аз минбаъда амиқгардонии дигаргуниҳои демократӣ дар мамлакатамон ва афзудани камоли сиёсии ҷамъият мебошад.

Лоиҳаи Буҷаи давлатии мамлакат барои соли 2003 мавриди муҳокима қарор мегирад, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронда шудааст. Дар он кам кардани сарбории андозӣ ба иқтисодиёт, баланд бардоштани манфиатдории иқтисодии андозсупорандагон оид ба сари вақт иҷро намудани пардохтҳои андозӣ пешбинӣ гардидааст. Вакилони халқ лоиҳаи қонунҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки ба минбаъда амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ ва таҳкими қобилияти мудофиавии мамлакат нигаронда шудаанд.

Дар маҷлис зарурати идома додани корҳо оиди таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ, бо диққат омӯхтан ва ба назари эътибор гирифтани таклифу мулоҳизаҳои расида, ба рӯи об баровардани тадбирҳое зикр ёфт, ки босамарии кори парлумонро ташкил медиҳанд. Ба ҳамин мақсад иттилооти умури дахлдори шаҳр шунида шуданд.

Иштирокдорони маҷлиси гурӯҳи кории вакилони халқ дар ин бобат изҳори боварӣ намуданд, ки корҳои тайёрии ба иҷрорасида барои ба дараҷаи баланди сиёсӣ, касбӣ ва ташкилӣ гузарондани иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм мусоидат мекунад.

Намоиши асарҳои манзаравӣ

Дар сафоратхонаи Ўзбекистон дар ИМА намоишномаи шахсии асарҳои манзаранависи машҳур Аслиддин Исоев шуда гузашт. Ба ҳукми тамошогарон қариб 30 асар, буклети ранга ва албом ҳавола карда шуд, ки дар бораи репродуксияи суратҳо, инчунин маълумотро дар бораи роҳи эҷодиёти рассом инъикос мекунанд. Дар маросими тантанавии намоишнома намояндагони миссияҳои дипломатии хориҷа, зиёиёни эҷодӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин ҳамватанони мо, ки дар Америка зиндагӣ мекунанд, ҳузур доштанд.

Сафири Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ИМА Шавкат Ҳамроқулов, раиси Ҷамъияти дӯстии Ўзбекистон Ҷон Ҷордано, собиқ сафири ИМА дар Ўзбекистон Ҷозеф Пресел, инчунин ноиб-президенти иҷрокунандаи палатаи савдои Америкаю Ўзбекистон Роберт Пейс, ки ҳангоми муаррифсозӣ ба сухан баромаданд, аз ҷумла таъкид намуданд, ки солҳои инкишофи мустақилонаи Ўзбекистон муносибати соҳаи мадании Ўзбекистону ИМА ниҳоят ривоҷ ёфт. Шиносоӣ бо санъати рассоми ўзбек А.Исоев мисоли равшани он мебошад.

Рассом мувофиқи таклифи китобхонаи Конгресси ИМА, ки яке аз калонтарин хазинаи китоб дар ҷаҳон мебошад, омад. Ў бо хоҳиши мутахассиси асосии ин муассиса дар соҳаи мамлакатҳои Шарқ Иброҳим Фарҳодӣ, ки дар муаррифсозӣ иштирок дошт, албоми асарҳояшро ба хазинаи китобхона тӯҳфа кард.

Ба ҳозирбудагон асарҳои манзаравии рассом «Модарӣ», «Бибихоним», «Шикорчиёни монда шуда», «Шоҳи зинда», инчунин суратҳои «Харбузаи ширин», «Суманак», «Бозори Самарқанд», ки бо ҳалли композитсионӣ, рангу бор бо усули шарқона офарида шудаанд,хеле писанд омад. Аксарияти асарҳои рассомро коллексионерони шахсӣ харид карданд. Асарҳои Аслиддин Исоев, ки аз хусуси анъана, урфу одат, ҳаёти имрӯзаи халқи Ўзбекистон нақл мекунанд, ба дӯстдорони санъати амрикоӣ таассуроти фаромӯшнопазир гузошт.

Баробари муаррифсозии асарҳо бароям ин факт хуш аст, ки бисёр суратҳои рангаи намуди шаҳрҳо ва ёдгориҳои архитектурии қадима ва муосири Роҳи бузурги абрешимро гирифтам нақл мекунад, рассом аз хусуси таассуротҳояш.

С.ҚУРБОНОВ,
ОИ «Ҷаҳон».

Супурдани мукофотҳои Ватан

Мувофиқи Фармони Президент Ислом Каримов дар арафаи ҷашни 11-солагии истиқлолияти мамлакатамон гурӯҳи ҳамватанонамон барои меҳнати фидокоронааш дар соҳаҳои мухталиф, нигоҳ доштани дахлнопазирии сарҳадҳоямон, комёбиҳое, ки дар истеҳсолот ва баланд бардоштани маънавият ба даст овардаанд, ба мукофотҳои волои Ватан сарфароз гардида буданд.

5 декабр- дар арафаи ҷашни Рӯзи Конститутсия, ки асоси озодӣ ва истиқлолияти мо мебошад, дар қароргоҳи Оқсарой маросими супурдани ин мукофотҳои воло ба як қатор ҳамватанонамон барпо гардид. Дар маросим Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов суханронӣ намуд.

Вохӯрии кунунии мо дар рӯзи аҷибу бохосият ба амал меояд, гуфт сарвари давлатмон. Пеш аз ҳама маро вохӯрӣ бо шумоён, азизонам, ки ба мукофотҳои волои Ватан мушарраф шудаед, дар арафаи ҷашни фархундаи даҳсолагии Конститутсияамон, мушоҳида кардани чеҳраҳои хандон ва табрику таҳният гуфтан ба ин санаи фархунда қаноатмандии бузург мебахшад.

Президент қаноатмандии худро ба он муносибат, ки ба иштирокдорони маросим боз дар арафаи дигар санаи муҳим—иди муқаддаси халқамон, миллатамон, тамоми мусалмонони ҷаҳон—Иди Рамазон вомехӯрад, баён карда, онҳо ва дар симои онҳо тамоми халқамонро ба ин рӯз муборакбод намуд, ки аз қалби одамон ниятҳои аз ҳама пок ва ҳисси некбиниро ҷойгир сохтааст.

Дар тӯли 11 соли таърихи истиқлолияти мамлакатамон боз як одати хуб ба вуҷуд омада, анъанавӣ гардидааст.

Ҳар сол, маҳз дар рӯзи Конститутсия маросими супурдани мукофотҳо ба инсононе ба амал меояд, ки ба мукофотҳои волои ватан ба муносибати иди истиқлолияти Ватанамон тақдир гардидаанд ва мо, онҳоро аз тахти дил муборакбод намуда, ба хушу хурсандии онҳо шарик ҳастем.

Бояд зикр намуд, ки гуфт Ислом Каримов, ин вохӯрӣ шахсан ба ман қаноатмандии бузург мебахшад. Зеро ҳини чунин вохӯриҳо гӯё ба оғӯш на танҳо чун шумоён фарзандони халқро, ки алҳол дар маҷлисгоҳ нишастаед, балки намояндагони сазовори мамлакатро аз вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо мегирам, ки ба мукофоту унвонҳои воло тақдир гардидаанд. Аммо афсӯс, ки ҳамаи онҳоро ба ин маҷлисгоҳ ғунҷонидан аз имкон берун аст. Ман гӯё дасти ҳар кадомашонро мефушурам ва аз он дилам аз фахру ғурури беҳад саршор мегардад.

Чунин лаҳзаҳои хушу хурсандӣ касро беихтиёр ба як фикр меоварад. Одатан мо дар бораи корнамоиҳо, дар бораи комёбиҳое, ки дар мамлактамон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба даст омадаанд, хоҳ он иҷтимоӣ ва ё иқтисодӣ, хоҳ илмӣ ва ё фарҳангӣ бошад, ҳарф мезанем.

Дар маҳалҳо, дар марказ дар матбуот, радиову телевизион дар бораи онҳо иттилоъ медиҳем, таҳлил менамоем.

Вале мутаассифона, бояд гуфт, ки дар ҳақиқат мо он одамон—меҳнаткашон, эҷодкорони ҳақиқиро, ки натиҷаҳои калонро ба даст овардаанд, намунаи ҳақиқии қаҳрамонӣ ва маҳорати баландро дар фаъолияти меҳнатии худ зоҳир кардаанд, ки ба хотир меоварем.

Аз ҳамин сабаб, мо ҳарчанд чӣ қадар суханони миннатдориро ба унвони ҳамин қабил ҳамватанони меҳнатдӯсту фидокор дар чунин вохӯрӣ ва маросимҳои супурдани мукофотҳои давлатӣ, ки фардо дар маҳалҳо оғоз меёбанд, баён насозем, ба фикрам, ҳамаи он ҳам басанда нест.

Мо мунтазам суханони «Сарзамини Ўзбекистон», «Халқи Ўзбекистон», «Фарзанди Ўзбекистон»-ро бо ҳиссу ҳаяҷон ва ифтихори дохила ба забон мегирем, гуфт суханашро идома дода Президент. Дар ин бобат шакку шубҳа нест, ки унвони волои «Қаҳрамони Ўзбекистон» яке аз мафҳумҳоест, ки ба ҳар яки мо ҳисси фахру ғурурро мебахшад.

Сарвари давлатамон аз самими қалб одамонеро, ки ба ин унвони воло шарафёб гардидаанду дар тӯли бисёр солҳо қаҳрамонона дар роҳи рушду шукуфонии мамлакатамон меҳнат кардаанд, аз самими қалб муборакбод намуд. Онҳо сарвари шӯъбаи вилоятии намангонии Бунёди «Меҳр-шафқат ва саломатлик» Дилбархон Акрамова, омӯзгор ва мураббии номдор Марат Зокиров, сарварони соҳибтаҷрибаи хоҷагиҳо Азим Латифов ва Муродулло Саидов, ҳокими вилояти Хоразм Ислом Бобоҷонов буданд.

Махсусан дар байни қаҳрамонҳо будани Озод Шарофиддинов бениҳоят фараҳбахш аст, ки дар ҳаёт ва эҷод бо суханони ҳақ, азму ирода ва мардонагӣ, намунаи ибрат ба ҳамватанон ва пеш аз ҳама ҷавонон ҳамчун инсони маърифатпарвар мебошад.

Халқи мо одати хуб-ба хотир овардани ёди фавтидагонро дар арафи идҳои фархунда дорад. Аллакай чандин сол боз мо ба ин анъана қатъан риоя намуда, ҳамватанонеро ба хотир меоварем ва эҳтиромашонро ба ҷо меоварем, ки ба рушди илму фарҳанг саҳми беандоза гузоштаанду то ба ин рӯзҳои муборак расида наомадаанд.

Имсол, мувофиқи Фармони Президент, сенздаҳ нафар аз ҷумлаи чунин одамони бузург ба мукофоти волои Ватан-ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шудаанд.

Мо гоҳ хизматҳои калон дар назди Ватан ва халқ карда, ҷасорати илмии содир намудаи олими номдор, академик Ҳабиб Абдуллоев, созмондиҳандагони мактаби илмии соҳаи худ Қори Ниёзӣ, Тошмуҳаммад Саримсоқов, Убай Орипов, Обид Содиқов, Собир Юнусов, Содиқ Азимов, Яҳё Ғуломов, Саъдӣ Сироҷиддинов, Ҳамид Сулаймоноврo фаромӯш намекунем, гуфт сарвари давлатамон.

Мо бо эҳтиром номи намояндаи номдори санъати саҳнавӣ Олим Хӯҷаев, оҳангсози классик, ки ба рушди миллӣ саҳми калон гузоштааст, Тӯхтасин Ҷалилов, Игор Савискийро, ки тамоми ҳаёти худро ба машҳур гардондани кишвари Қароқалпоқистон, ҷамъ овардани асарҳои санъати нодиру нотакрор бахшидааст, ба хотир меоварем.

Имрӯз мо хотираи ин одамонро ба ёд оварда, ки дар таърихи миллат изи фаромушнопазир гузоштаанд, бори дигар, ҳақиқатро дар ин бобат тасдиқ мекунем, ки корҳои хайру нек ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд, некӣ абадист, зикр намуд Ислом Каримов.

Сарвари давлатамон зикр намуд, ки аз фахру ғурур кардан бо ҷанговарону афсарон, хизматчиёни ҳарбие, ки ҳифозатгари ҳаёти кунунии осоиштаамон ва рӯзҳои осудаҳолонамон мебошанду карзи худро, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи кунуни тартибот ва амният ба ҷо меоваранд, бисёр ҳарф задан мумкин аст. Мо мардонагӣ ва маҳорати ҳарбии фарзандони шуҷоамонро воло арзёбӣ мекунем.

Имрӯзҳо бо сиёсати дохилаву беруна, нерӯи бузурги худ Ўзбекистон дар арсаи байналхалқӣ мавқеи боз ҳам баландтарро ишғол мекунад ва дар ин бобат, албатта, ҳиссаи сазоворонаи тамоми ҳамватанонамон мебошад.

Вале ҳақиқат ҳамин аст, ки дар бобати афзудани шӯҳрати мамлакатамон дар арсаи ҷаҳон варзишгаронамон ҳиссаи махсус мегузоранд, ки дар маҷлисгоҳамон намояндагони номдори онҳо нишастаанд.

Сарвари давлатамон бори дигар мукофотонидашудагонро аз самими қалб муборакбод намуда, дар вазъи мутантан мукофотҳои волои Ватанро ба онҳо супурд.

Мо ба маънии пурраи сухан марҳалаи таърихиро аз сар мегузаронем. Имрӯз дарк кардан, арзёбӣ кардани тамоми моҳияти роҳи тайгардидаи ҳаёт мураккаб аст.

Вале солҳо, асрҳо сипарӣ мешаванд, махсусан зикр намуд Президент, ман дар ин бобат мӯътамад ҳастам, ки насли оянда ҳатман бо миннатдорӣ одамонеро ба хотир меоваранд, ки такягоҳи пурқуввати халқ дар айёми душвору мураккаб гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки онҳо бори Ўзбекистонро ба дӯши худ гирифтаанду асосро ба ҳаёти хушу хурсандона ва фаровон ба вуҷуд овардаанд.

Дар фарҷоми суханронии худ Ислом Каримов ба тамоми мукофотонидашудагон муроҷиат намуда, гуфт: бигузор унвон ва орденҳое, ки дар сари синаатон ҷило медиҳад, насибатон гардад, шумоёнро барои ба даст овардани комёбиҳои нав ба нав рӯҳбаланд созад, бигузор пайравони шумоён бештар бошанд, ҳамеша шоду масрур бошед. Президент ба онҳо тандурустӣ, хушбахтӣ, комёбиҳоро дар фаъолият, бахту саодатро ба оилаашон таманно намуд.

Аз номи мукофотгирандагон олими адабиётшинос Озод Шарофиддинов, сарвари шӯъбаи вилоятии намояндагони Бунёди «Меҳр-шафқат ва саломатлик» Дилбархон Акрамова, писари марҳум Ҳамид Сулаймон—Рустам Сулаймон, сарвари шӯъбаи Маркази илмии ҷарроҳии ба номи академик В. Воҳидови Вазорати тандурустии ҷумҳурият Юрий Калиш, раиси садорати ҷамъияти саҳҳомии дӯзандагии «Фирӯз—Хоразм» Клара Ҷумъамуродова, раиси хоҷагии ширкатии ба номи И. Диёрови ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Султон Сатторов, адабиётшинос Абдуқодир Ҳайитметов, ҳунарвар Людмила Стаская, паёмнигор аз Андиҷон Мукаррамхон Холматова суханронӣ карда, ба Президент барои дарҳостҳои самимонааш ва эътимоди калонаш миннатдорӣ изҳор намуда, зикр карданд, ки мукофотҳои волои Ватан онҳоро ба меҳнати боз ҳам фидокорона сафарбар кардани тамоми қувваву имконият, гузоштани саҳми муносиб барои шукуфонии Ватан даъват мекунад.

(ЎзА).

Бо назардошти озодкунии тамоми ҷанбаҳои ҳаёт

Фардо иҷлосияи дахуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм ба кори худ шурўъ карда, вакилони халқ масъалаҳоеро муҳокима мекунанд, ки дар бобати озодкунии тамоми ҷанбаҳои ҳаёт, бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ нақши калон мебозанд.

Мамлакати мо бо роҳи интихобкардаи худ дилпурона пеш рафта, ислоҳотро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият собитқадамона ба рўи об бароварда, дар рафти амалӣ гардондани онҳо мувофиқи талабу давру замон саҳеҳиҳо медарорад, ба яке аз усулияти пешрафти худ—марҳала ба марҳала амалӣ гардондани дигаргуниҳо садоқатмандии худро намоиш медиҳад.

Иҷлосияи дахуми Олий Маҷлис даъвати дуюм ҳам бо назардошти ана ҳамин талабу давру замон мегузарад ва вакилони халқ масъалаҳоеро мавриди муҳокима қарор медиҳанд ва қонунҳоеро дида мебароянд, ки бешак барои рушди муназзаму босуръати мамлакатамон нақши калоне мебозанд. Инро ҳангоми муоина кардани қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи даъват намудани иҷлосияи дахуми Олий Маҷлис даъвати дуюм» низ дидан мумкин аст, ки 12 ноябри соли кунун қабул гардидааст. Баробари мутолиа кардани масъалаҳои рўзномаи кор филфавр ба як хулоса меоед: онҳо барои рушди минбаъдаи Ўзбекистон, ояндаи бузургу дурахшони он аҳамияти калон доранд.

Яке аз ин масъалаҳо Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои соли оянда мебошад. Ва он бо назардошти дурнамои нишондиҳандаҳои асосии меҳиқтисодиёт, афзоиши маҳсулоти умумии дохила нисбати соли кунун, паст кардани дараҷаи бекурбшавии пул таҳия гардидааст. Ҳангоми таҳияи буҷа ба масъалаҳои кам кардани сарбории андоз ба субектҳои хоҷагидорӣ ба мақсади вусъат додани озодии иқтисодӣ, сарпур кардани манбаъҳои маблағҳои гирдгардон, баланд бардоштани фаъолияти корчаллонии онҳо диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Ба ҳамин мақсад кам кардани банди ҳаҷми андоз ба даромади (фоидаи) шахсони ҳуқуқӣ, зиёд кардани банди ҳаҷми пардохти ҳатмӣ ба суғуртаи иҷтимоии бунёди музди меҳнат дар назар дошта шудааст.

Баробари ин кам кардани сарбории андози даромади шахсони ҷисмонӣ аз ҳисоби паст кардани ҳаҷми андоз ба гурўҳҳои дуюм ва сеюми андозсупорандагон, ҳамчунин вусъат додани сарҳади ҳаддии даромади умумӣ ба гурўҳҳое дар назар дошта шудаанд, ки аз рўи ҳаҷмҳои хурд андоз ситонда мешаванд.

Саҳеҳгардонии хароҷоти буҷа бо роҳи кам кардани ғайримақсаду бебаркаш истифода бурдани маблағҳо, минбаъда кам кардани хароҷотҳо барои нигаҳдории мақомоти идораи давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Барои ба вуҷуд овардан ва сафарбар кардани омилҳои иловагии рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани нақши онҳо дар бобати офаридани маҳсулоти умумии дохила ва моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ, диққату эътибори асосӣ нигарондан ба рақобаттобоварии онҳо ва беҳдошти сифат вазифаи умда қарор дода шудааст. Қатъан ба рўи об баровардани сиёсати пулу вом, кам кардани муомилоти ғайрибонкии муомилоти пул, минбаъда таҳким бахшидани низоми пулӣ ва баланд бардоштани қурби асъори миллӣ, таъмини озодтабодулии он аз рўи ҷараёнҳои ҷорӣ, минбаъда амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар деҳот, хоҷагии коммуналиву манзилӣ, рушди низоми обёрикунӣ ва ғайра ҳамчун самтҳои бартаринок ба забон гирифта шудаанд.

Масъалаи дигаре, ки ба ташаккул додани сохтори ҳокимияти қонунбарор дахл дорад, ин муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Дар бораи Палатаи қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон», яъне палатаҳои болоиву поёнии парлумони Ўзбекистон мебошад, ки дар интихоботи оянда ҷомаи амал мепўшад.

Аз таҷрибаҳои мамлакатҳои демократӣ маълум аст, ки дар чунин шакл сохмон додани ҳокимияти қонунбарорӣ минбаъд дар бобати қонунбарорӣ нақши калон мебозад. Лоиҳаи қонунҳои мазкур, бо назардошти муносибатҳои мутақобилаи палатаҳо дар кори қонунбарорӣ, таркиби ба вуҷуд овардани онҳо, муайян кардани миқдори аъзоёнашон ва мўҳлати ваколаташонро дар бар гирифтаанд.

Палатаи болоӣ-Сенат ва палатаи поёнӣ-қонунбарорӣ номида мешавад. Палатаи болоӣ аз намояндагони халқи Кенгашҳои маҳаллӣ, яъне субектҳои хоҷагидорӣ интихоб карда мешаванд. Палатаи қонунбарорӣ аз намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва гурўҳҳои ташаббускори интихобкунандагон ба вуҷуд оварда шуда, онҳо дар пойгоҳи доимӣ касбӣ фаъолияти худро ба амал мебароранд. Аъзоёни палатаи мазкур танҳо бо қонунбарорӣ машғул мегарданд. Сенат бошад, дар иҷлосияҳои худ ҷамъ омада, қонунҳоеро аз нигоҳи манфиати маҳалҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки палатаи қонунбарорӣ қабул кардааст. Баъд лоиҳаи қонун ба Президент ба имзо пешкаш карда мешавад.

Лоиҳаи қонунҳое, ки ба масъалаи ўҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ дахлдоранд, низ дар шароите, ки дар артиши мо ислоҳоти доманадор давом дораду ба сўи лашкари касбӣ гомҳои устуворона мегузорад, аҳамияти калон доранд. Зеро аз даъвати навбатии баҳорӣ хизмат дар сафи лашкар як сол муқаррар карда шудааст. Хизмати ҳарбӣ аз рўи қарордодӣ мақоми калон пайдо мекунад. Бо назардошти ана ҳамин ва вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон қабул гардидани қонунҳои нав дар ин соҳа бешак аҳамияти калон касб мекунад.

Ҳамчунин ба муҳокимаи вакилони халқи Олий Маҷлис силсилаи лоиҳаи қонунҳо бо таҳрири нав, қироти аввалу дуюм

пешкаш карда мешаванд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт дахлдор ҳастанду дар бобати амиқ гардондани ислоҳот дар соҳаҳои мазкур аҳамияти калон доранд. Минҷумла лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи тамоюлҳо ва кафолатҳои озодии ахбор», «Дар бораи омори давлатӣ», «Дар бораи боигариҳои зеризаминӣ», «Дар бораи мурoҷиати шаҳрвандон», «Дар бораи муфлисӣ», «Дар бораи декларатсиякунии ҷамъи даромади солонаи шаҳрвандон» ва ғайра пешкаш карда мешавад, ки аз ҷиҳати аҳамият аз якдигар монданӣ надошта, дар шароити нав созгорӣ пайдо кардани ислоҳотҳоро аз нигоҳи қонунӣ таъмин месозанд. Қабул гардидани онҳо иқдоми моро ба сўи давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ боз ҳам дилпуронатар мегардонад, барои узви бобарҳуқуқи баъзе ташкилотҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо кўмаки калон мерасонад. Зеро аксари ин қонунҳо дар солҳои аввали истиқлолият қабул шудаанд ва бо мурури солҳо аз ҷиҳати маънавӣ кўҳна шудаанду ба талабу давру замон созгорӣ пайдо карданро тақозо доранд. Лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи муфлисӣ» ва «Дар бораи декларатсиякунии ҷамъи даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ», ки ҳар ду бо таҳрири наву қироати аввал пешкаш мегарданд, барои дар соҳаҳои мазкур татбиқ кардани андозаҳои байналхалқӣ нақши калон бозида, пеши роҳи даромади муфтро мебанданд, барои таъмини адолат дар ҷамъият хизмат мерасонанд.

Вакилони халқи парлумон дар иҷлосияи навбатии худ мувофиқи талабу давру айём ҳамчунин ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон тағйироту иловаҳоро медароранд, дигар масъалаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки ба ваколати вакилони халқ ва Олий маҷлис мансуб мебошанд.

Алқисса, вакилони халқ барои ояндаи бузургу дурахшони Ўзбекистон заминаи навбатии пухтаи қонунро ба вуҷуд меоваранд, ки бешак ба рушди минбаъдаи мамлакатамон такони нав мебахшад.

Э.НОДИР.

Дар сурат: лаҳзаҳо аз иҷлосияи гузашта.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар бораи ба рўи об баровардани тадбирҳо оид ба такмил додани тартиби овардани молҳои истеъмолӣ ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» ва ба хотири иҷрои қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 20 августи соли 2002 рақами 295 «Дар бораи бекор кардани бо рухсатномафарогирӣ ва тадбирҳо оид ба такмил додани тартиби овардану фурўхтани молҳои истеъмолӣ дар бозори дохилаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», ҳамчунин ба мақсади таъмини истеъмолгарон бо иттилооти боэътимод оиди молҳои истеъмолӣ ба забони давлатӣ Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Муқаррар карда шавад,ки:

аз 1 январи соли 2003 маркакунонии ҳатмӣ ба забони давлатӣ намудҳои ҷудогонаи молҳои истеъмолии воридшаванда ҷорӣ карда мешавад, ки ба муомилоти озод дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон бароварда мешаванд:

молҳои истеъмолие, ки ба маркакунии ҳатмӣ мансубанду ба муомилоти озод ба ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон то охири соли 2002 бароварда мешаванд, дар шабакаҳои чаканафурўшӣ бидуни маркакунонӣ ба забони давлатӣ то 1 апрели соли 2003 фурўхта шуданашон мумкин аст.

2. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

Низоми дар бораи тартиби маркакунонии молҳои истеъмолии воридшаванда;

феҳрести иловагии молҳои истеъмолие, ки ҳангоми воридот ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба мақсадҳои тиҷоратӣ ҳатман пешкаш кардани сертификати мувофиқат талаб карда мешавад.

3. Ба оҷонсии «Ўзстандарт», Кумитаи давлатии гумрук, Давлатии андоз, Кумитаи давлатӣ оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат, Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки назорати қатъиро аз болои риоя намудани талабҳое ба роҳ монанд, ки аз қарори мазкур бармеояд.

4. Ба Кумитаи давлатии гумрук, Кумитаи давлатии андоз, Оҷонсии «Ўзстандарт» якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали даҳ рўз санадҳои меъёрии худро ба қарори мазкур мувофиқ гардонанд.

5.Ба қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 20 августи соли 2002 рақами 2955 «Дар бораи бекор кардани бо рухсатномафарогирӣ ва тадбирҳо оид ба такмил додани тартиби овардану фурўхтани молҳои истеъмолӣ дар бозори дохилаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» (МҚ Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 2002, рақами 8, моддаи 47) тағиротҳо дароварда шаванд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ў. Султонов гузошта шавад.

Раиси Девони Вазирон И. КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд, 5 декабри соли 2002.

Ба мақсади сохтори мустақил

Иттилоот, аллхусус маълумоти оморӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъият нақши калон мебозад. Аз ҳамин сабаб беҳуда намегўянд, ки «агар кас соҳиби иттилоот бошад, аз саросари дунё бохабар мегардад». Махсусан дар асри кунун, ки асри илму техника эълон гардидааст, иттилоот, аллахусус омор аҳамияти калон дорад.

Бо назардошти вазифаҳои муҳими соҳаи мазкур вакилони халқи парлумони мамлакатамон ҳам ба қабули қонунҳое диққату эътибори калон медиҳанд, ки ба ин соҳа вобастагӣ доранд. Яке аз онҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи омори давлатӣ» мебошад, ки дар иҷлосияи гузаштаи Олий Маҷлис дар қироати якум баррасӣ гардида, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардида буд. Ва он аз дурдонаҳои халқӣ ғанӣ гардида, дар иҷлосияи навбатии парлумон дар қироати дуввум мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Зарурати қабули қонуни нав дар чӣ зоҳир мегардад? Маълум аст, ки дар ин бобат қонун нўҳ сол муқаддам қабул гардида, дар асоси талаби ҳамон давр таҳия гардида буд. Баъди сипарӣ шудани солҳо баъзе нуктаҳои он кўҳна гардида, ба андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгў нестанд. Аз ин рў зарурати таҳияи қонуни нав дар ин бобат ба миён омад. Баъдан қонуни пештара танҳо «Дар бораи омор» ном дошт. Азбаски дар ҳудуди ҷумҳуриятамон сершаклии моликият воқеӣ гардид, қонуни пештара бахри манфиатҳои субектҳои хоҷагидорӣ як хел муносибат зоҳир намекунад. Баробари ин ҳаёт талаб пеш гузошт, ки нуктаҳои қонуни мазкур ба андозаҳои байналхалқӣ пурра мувофиқат кунанд. Охир, мамлакати мо барои сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ қадамҳои аввалини устуворро гузошт.

Баробари ин дигаргуниҳои ҷамъиятамон тақозо дорад, ки низоми омори мамлакатамон ба усулиятҳои иқтисоди бозоргонӣ, таъмини ягонагии муносибат ба ташкили омори давлатӣ пурра мувофиқ кунонда шавад. Дар айни замон Меморандуме, ки байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Бунёди байналхалқии асъор имзо шуд, талаб намуд, ки ба соҳаи омори давлатӣ ҳам тағйиротҳо дохил карда, барои ҳамчун сохтори мустақил арзи ҳастӣ кардани он майдони васеъ фароҳам оварда шавад.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи нави қонун ин ин пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқиест, ки ба он бояд тамоми субектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликият ҳангоми таҳияи маълумотҳои оморӣ қатъан риоя намоянд. Зеро ҳуҷҷати мазкур тартиби ташкили оморро муайян карда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар бобати ҷамъ овардан, умум гардондан, паҳн намудан ва маҳфуз доштани маълумоту иттилооти оморӣ танзим мегардонад, ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ баҳои аниқ, холисона медиҳад. Баробари ин дар бобати таъмини боэътимодии он, истифодаи маълумотҳо ба мақсади холисона, сохтори мустақилонаи он нақши калон мебозад.

Мувофиқи лоиҳаи қонун сохмон додани Кенгаши коллегиалии оморӣ дар назар дошта шудаст, ки бешак дар роҳи мустақилии мақомоти омор аҳамияти калон касб мекунаду пеш аз ҳама холисиро дар ин соҳа таъмин месозад. Дар айни замон ба баланд бардоштани ҳуқуқу ўҳдадориҳои мақомоти мазкур ва субектҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Чунки меъёри асосии омор ин умдагӣ, оҷилӣ, обективӣ, боэътимодӣ, рўшодгўӣ ва холисӣ муайян гардидаанд. Нисбати айбдорон истифода бурдани муҷозоти иқтисодӣ пешбинӣ гардидааст, ки ҷиҳати асосии фарққунандаи қонунро ташкил медиҳад.

Лоиҳаи қонуни мазкур агар дар иҷлосияи навбатии парлумон қабул гардад, сараввал барои мустаҳкам кардани асосҳои омор, боз ҳам амиқгардонии фаъолияти мақомоти мазкур, ба вуҷуд овардани сохтори мустақил, дахлнопазир ва боваребахш мусоидат мекунад. Баъдан, он низоми омориро дар мамлакатамон қатъан ба тартиб андохта, ба андозаҳои байналхалқӣ пурра мувофиқат мекунад.

Алқисса, лоиҳаи қонун баробари таъмини мустақилии мақомоти омор, ба демократикониву озодкунии ҷодаи мазкур хизмат расонда, масъулиятро дар ин соҳа хеле баланд мебардорад.

Барот МИРОДИЛОВ,
ҳуқуқшинос.

Вакилони халқи Олий Маҷлис **Ойнисо Мусурмонова** ва **Раҳимахон Ҳакимова** ҳини муҳокимаи лоиҳаи қонун дар иҷлосияи гузашта.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Акси садо

Маҳалла боз ҳам обод мегардад

Мамлакати мо бо роҳи интихобкардаи худ собитқадамона пеш рафта, сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатноку озоди шаҳрвандиро мақсади асосиаш қарор дода, дар назди худ вазифаҳои нав ба навро мегузорад ва аз тарафи Президентамон соли оянда эълон гардидани «Соли маҳаллаи обод» боз як далели раднопзири он мебошад. Ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки давлатамон дар бобати ба рўи об баровардани мақсади бузург—«Аз давлати муқтадир ба ҷамъияти шаҳрвандии пурқувват» боз як иқдоми муҳим гузошт. Мувофиқи ана ҳамин мақсад алҳол як қатор вазифаҳои мақомоти марказии давлатӣ ба зиммаи ташкилотҳои маҳаллӣ, аз он ҷумла ҷамъомади шаҳрвандону ҷамъомади маҳаллаҳо гузошта мешаванд. Дар бобати баланд гардидани ҳуқуқ ва нақши сохтори ғайридавлатӣ, ҷамъияти корҳои зиёде карда шуда, онҳо пурра ба консепсияи сиёсати давлатамон мувофиқат мекунанд.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: чаро маҳз соли оянда «Соли маҳаллаи обод» гардид. Сараввал бояд гуфт, ки маҳалла муассисоти нодир буда, дар он аксар масъалаҳои таалуқи оила, шаҳрванд, тарбияву истироҳат ва фароғат ҳаллу фасл мешавад. Маҳз маҳалла ба шаҳрвандон, аҳли ҷамъият хеле наздик аст, ба ташвишу изтироб, ғаму андўҳ, хушу хурсандии шаҳрванд бештар шарик аст. Дар бисёр мавридҳо одамон маҳз ба маҳалла муроҷиат мекунанд. Агар зарурат пайдо шавад, ташкилотҳои болоӣ ҳам ба ин муассисот муроҷиат мекунанд. Фаразан, ба тартиб андохтани кўчаҳо, тоза кардани онҳо, сафед кардани девори ҳавлиҳо, тоза кардани ҷўйбор, тахту ҳамвор кардани роҳҳо зарур шуда монад, пеш аз ҳама ба маҳалла муроҷиат мекунанд. Ё ки ошкор кардани бачагони бепарастор, муайян намудани оилаҳои камбисоту сербача, гузарондани тадбирҳои маданиву оммавӣ, санҷидани рўйхати интихобкунандагон, санҷидани арзу шикоятҳо зарур шуда монад, дар ин маврид ҳам ҳатман ба маҳалла муроҷиат мекунанд.

Агар ба ягон кўча ва ё мавзеъ ном гузоштанӣ шаванд ҳам, ҳатман ба маҳалла муроҷиат мекунанд. Чунки маҳалла аз номи умум баромад мекунад. Баъдан маҳалла, муассисоти аз ҳама қадимаи миллист. Чунки аз қадим маҳалла арзи ҳастӣ кардаасту онҳо дар манбаъҳои таърихӣ бештар гузар номбар шудаанд. Сардорони гузарҳо барои каму кости андоздиҳандагони «худ» дар назди амир ва ё дигар ҳукмдор ҷавобгар будаанд. Ба маҳалла сарварӣ кардани зан як замонҳо нораво дониста шуда буд. Ба шарофати истиқлолият алҳол занони сершумор ба маҳаллаҳо сарварӣ мекунанд ва якеи онҳо ман ҳастам, ки ду сол боз ба маҳаллаи сераҳолӣ сару сарварӣ карда, бо ташвишу изтироб, хушу хурсандии аҳли он шарик ҳастам. Тамоми тўю маърака, маросимҳои мухталиф таҳти назорати маҳалла мегузарад ва аз ин рў таъсири он ба ҳаёту зиндагӣ торафт амиқтар мегардад. Баробари ин худи шаҳрвандон тавассути маҳаллаи худ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии давлату ҷамъият бевосита иштирок мекунанд. Ва он ба раванди ҷамъияти шаҳрвандӣ пурра мувофиқат мекунад.

«Соли маҳаллаи обод» эълон гардидани соли 2003 бешак, барои доманадор гаштани фаъолияти маҳаллаҳо, боз ҳам афзудани обрўву эътибори он, баробари ин иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар кору бори он мусоидат мекунад. Агар мухтасар баён кунем, маҳаллаҳо боз ҳам обод гардида, таъсирашон дар ҳаёти рўзмарра боз ҳам меафзояд ва тадбири муҳим дар бобати боз ҳам васеъ ҷалб кардани одамон ба идоракунии давлату ҷамъият мегардад.

Нишоной ЭРГАШЕВА,
раиси Ҷамъомади маҳаллаи «Маданият»-и ноҳияи Сирғалии шаҳри Тошканд.

Авлоди баркамол — ояндаи ҷамъият

Қарори 360-уми Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи такмили фаъолияти комиссияҳои оиди корҳои ноболиғон» аз 21 сентябри соли 2000 ба зиммаи ташкилоту муассисаҳои бо тарбияи насли наврас машғул буда вазифаҳои муҳимро гузошта буд.

Баъди қабули қарори зикршуда дар фаъолияти кории комиссияҳои оиди корҳои ноболиғон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Мухбири рўзномаамон дар вилояти Намангон Абдулвоҳид Нуриддинов бо раиси комиссияи оиди корҳои ноболиғони ноҳияи Косонсой, ҷонишини ҳокими ноҳия Мўйдинхон Орифов воҳўрда, оиди фаъолияти комиссия сўҳбат намуд. Инак, ҳамон сўҳбатро бароятон пешкаш менамоем.

— То имрўз дар фаъолияти комиссияи оиди корҳои ноболиғони ноҳия чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал омад?

—Сараввал барои дар иҷрокунии қарори 360-уми Девони Вазирон ва қарори 208-уми ҳокими вилоятамон оиди ҳамин масъала ҳокими ноҳия низ 5 октябри соли 2000 қарори худро қабул намуд.

Мувофиқи қарори зикршуда дар ҳокимияти ноҳия комиссияи бонуфузи оиди корҳои ноболиғон иборат аз 14 нафар ташкил ва байни онҳо тақсимоти вазифаҳо тасдиқ гардид. Барои фаъолияти мунтазам ва доимии комиссия вазифаи котиби масъули он ҷорӣ гардид.

Бо мақсади дар байни ҷавонону наврасон пешгирӣ намудани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ, беназорат гузоштани бачагон ҳамчунин пурзўр намудани корҳои тарбиявӣ якҷоя бо ташкилотҳои шўъбаи ноҳиявии хазинаи «Маҳалла», ҳаракати иҷтимоии ҷавонони «Камолот»-и ноҳия дар асоси нақшаи пешбинишуда дар 8 литсей ва коллеҷҳо, 49 мактаби миёнаи таълими умумӣ 47 ҷамъомад, 54 воҳўрӣ бо шахсони обрўманд, 45 сўҳбат дар атрофи мизи мудаввар бо вакилони идораҳои муҳофизати ҳуқуқ ва ходимони илму адаб гузаронида шуд.

Дар давоми нўҳ моҳи гузаштаи соли ҷорӣ дар масканҳои таълими ноҳия воҳўрӣ бо шоири мардумии Ўзбекистон Ҳабиб Саъдулло, воҳўрӣ таҳти мавзўи «Аълочии тамоилҳои ғояи истиқлоли миллӣ», ки дар он дотсенти Донишгоҳи Давлатии Намангон Бахтиёр Исҳоқов, сарояндаи хушовоз Гулбаҳор Сулаймонова ва шоир Ҷамолиддин Муслим иштирок доштанд, мулоқот дар мавзўи «Шахс, ҷамъият, ислоҳот ва равнақи ватан» бо иштироки мутахассисони гурўҳи тарғиботи ҳуқуқии маркази «Маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ дотсент Акрам Акмалов, дотсенти Донишгоҳи Миллии Ўзбекистон Марат Шотурсунов, дотсенти Донишгоҳи забонҳои ҷаҳон Абдусаттор Нозиров ва дигарон гузаронида шуд. Инчунин дар 8 таълимгоҳҳои миёнаи махсус ва 49 мактаби миёна аъзоёни комиссияи оиди кори ноболиғон якҷоя бо кормандони прокуратура, корҳои дохилӣ, суди ноҳия дар асоси нақша дар мавзўҳои ҳуқуқӣ сўҳбату воҳўриҳо гузарониданд, ки дар тарбияи ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷавонону наврасон аҳамияти муҳим дорад.

—Беҳтар намудани шароити зиндагонии ҷавонону наврасон, пурзўр намудани ҳифзи иҷтимоии онҳо, омўзиши донишҳои ҳуқуқӣ барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон имкониятҳои хуб фароҳам меорад. Дар ин бора комиссияи ноҳиявӣ чӣ гуна корҳоро ба амал баровард?

—Дар натиҷаи пурзўр намудани корҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷавонону наврасон, ҳамчун пурқувват намудани назорати ноболиғон дар давоми нўҳ моҳи соли 2002 дар ҳудуди ноҳия дар байни ҷавонон ягон намуди ҷиноят содир нагардидааст.

Ҳамчунин дар байни ноболиғон ягон ҳолати сўиқасд ба ҷони худ низ рўй надодааст. Соли 2001-ум дар рўйхати шўъбаи назорати ноболиғон, шўъбаи корҳои дохилӣ 8 нафар ҷавонону наврасон ба рўйхат гирифта шуда бошад, соли 2002 шумораи онҳо 5 то кам шуда 3 нафар мондааст.

Дар бадали 9 моҳи гузашта дар ноҳия 5 маротиба бозори меҳнат гузаронида шуд. Дар он 67 корхонаву муассиса ва хоҷагиҳои ноҳия бо 1046 ҷои кории холӣ иштирок намуданд. Ба бозори меҳнат 2232 нафар ҷавонони қобили меҳнати муваққатан бекормонда ҷалб гардида 147 нафари онҳо бо кор таъмин шуданд, 16 нафар ба курсҳои касбомўзӣ, 35 нафар бошанд, ба корҳои ҷамъиятӣ фиристода шуданд, ки 3 нафари онҳо ноболиғон мебошанд.

Ҳар сол гузарондани озмунҳои «Оё шумо таърихро медонед?», «Оё шумо қонунро медонед?» дар байни хонандагони синфҳои болоӣ ва коллеҷҳо ба анъанаи нек табдил ёфтааст.

Ҳамчунин дар маркази ноҳия ҳар ҳафта рўзи ҷумъа намоиши барномаи консертӣ дар хиёбони «Ҷавонон» бо номи «Шоми ҷумъа» ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Чунин барномаву намоишҳо барои пурмазмун гузаштани вақти истироҳати ҷавонону наврасон аҳамияти муҳим дорад.

—Дар хусуси самараи фаъолияти комиссия чанд сухан мегуфтед?

Нишондиҳандаи асосии кори мо, ба назари ман, ин торафт камшавии сафи ҳуқуқвайронкунандагон мебошад.

Дигар ин, ки барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ муҳим аст ба муҳофизати иҷтимоии бачагону наврасон аҳамияти махсус диҳем.

Вазифаи муҳими комиссияи оиди кори ноболиғон ва умуман ташкилоту муассисаҳои ба тарбияи насли наврас машғул буда инчунин аҳли ҷомеа аз он иборат аст, ки дар шароити имрўза таъминоти моддии оилаҳои ночору камтаъмингаштаро беҳтар намуда, наврасону ҷавонони бекорро бо ҳомиён вобаста намуда кўмаки моддӣ дода, онҳоро ба кори фоиданок ҷалб намудан мебошад.

Дар ноҳия бо ҳамин мақсад дар давоми нўҳ моҳи гузашта ба 277 нафар бачагони ночору камтаъмингаштаи то 16-сола аз тарафи ҳомиён ба миқдори 1 миллиону 207 ҳазор сўм ёрии моддӣ расонида шуд. Ба 473 нафар бачагони ногирон бошад, ҳомиёни вобасташуда ба арзиши 3 миллиону 716 ҳазор сўм ёрии моддӣ ва маънавӣ расониданд. Зеро чи тавре, ки медонем, эҳтиёҷоти моддӣ ноболиғонро ба корҳои ғайриқонунӣ маҷбур месозад...

Сўҳбатнигор А. НУРИДДИНОВ.

Кори неку номи нек

Сокинони шаҳри Навоии вилояти Навоӣ номи Абдуҳаким Баҳроновро бо меҳру муҳаббат ва навозиш «механик ака» гўён ба забон мегиранд. Ин марди кордон, ки ба туфайли корҳои нек, ташаббускориву тадбиргариаш ном баровардааст, баъди хатми мактаби олӣ рост ба ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тўрон» омада, пешаи механики навбатдорро интихоб намуд. Ва ҷамъияти мазкур барои афзун гардидани комёбиҳои меҳнатии саройи рақами 23-уми наклиёти автомобилии шаҳр саҳми калон мегузорад, ки дар ин бобат саҳми Абдуҳаким низ мебошад. Махсусан аҳливу тифоқии ҷамоа, ба ҳамдигар кўмакрасон будани аҳли меҳнати он ба ў даст дод, маҳораташро такмил диҳад. Нисбати касбаш меҳру муҳаббат боз ҳам баланд гардиду аз ҷамоа ҷои мансуби худро ёфт, меҳнаташро қадр мекардагӣ шуданд. Серталабӣ ба вай ҳам имкон дод, ки шогирдонро тарбия кунад ва меҳнати фидокоронааш муносиб тақдир гардад. Бо медали «Шўҳрат» мукофотонида шуд.

— Ба касбам, ташвишу изтироби он бо меҳр назар меафканам,—мегўяд Абдуҳаким Баҳронов.—Ман дар ҳамин коргоҳ тарбия ёфтам, кор ёд гирифтам, роҳати меҳнатамро мебинам. Ба фарзандон, ҷавонон таманно дорам, ки кадом касбу корро интихоб накунанд, ба он меҳри баланд диҳанд ва аз таҳти дил хизмат кунанд, марра аз они онҳост.

Дар сурат: механик **Абдуҳаким Баҳронов** ва ронанда **Бозор Расулов**.

Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ (ЎзА).

Таълими барғалати илми забон дар чист?

Мақолаи Абдулло Субҳон «Донишгоҳи зиндагишиносӣ»-ро («Овози тоҷик», 23 октябри соли 2002) бо ҳавсалаи зиёд хонда баромадам. Бояд хотиррасон намоям, ки дар вақтҳои охир рӯзномаи «Овози тоҷик» аз ҷиҳати сифат хонданбоб шуда истодааст ва мақолаю ахбори диққатҷалбкунандаро дар саҳифаҳои он хонда истодаем.

Ман мақолаи Абдулло Субҳонро ба ҷумлаи ҳамин гуна мақолаҳо дохил намуда, ба ҳамин муносибат баъзе фикру мулоҳизаҳои худро иброз доштанӣ ҳастам. Мақолаи мазкурро шартан ба се қисм тақсим намудан мумкин аст:

а) муаммоҳои забономӯзӣ дар мактабҳо ва умуман муносибат ба забон;

б) маърифату маънавият асоси иқтисодиёт ва ба ин масъала эътибори ҷиддӣ додани гузаштагони мо;

в) таҳлили чанд байти Хоҷа Ҳофиз.

Тазаккур карда мешавад, ки донистану омӯхтани забон барои ҳамаи мутахассисон зарур ва ҳатмист. Суханданию забондонӣ худ як санъат аст. Санъати бебаҳо. Дар халқ беҳуда намегӯянд «бо сухани нағз мор аз хонааш мебарояд». Ба ҳамагон маълум аст, ки забони форсии тоҷикӣ яке аз забонҳои ширин ва бои ҷаҳон маҳсуб мешавад. Инсон танҳо ба воситаи забон фикри худро озодона баён карда метавонад. Ганҷинаи бебаҳои халқҳои Осиёи Марказӣ (на танҳо Осиёи Марказӣ), ки дар ҳақиқат донишгоҳи зиндагишиносианд, ба воситаи забонҳои форсии тоҷикӣ, арабӣ ва қисман туркӣ то мо омада расидаанд. Мероси адабӣ, илмӣ, санъату мусиқаи халқҳои тоҷику ӯзбекро имрӯз тамоми олимони ҷаҳон тан мегиранд ва аҳамияти умумиҷаҳонии онро бо ифтихор қайд менамоянд. Қомусҳое, ки дар соҳаи мухталифи илм навишта шудаанд, ҳоло фақат рафҳои китобхонаҳои гуногуни дунёро ороиш медиҳанду халос. Барои ин китобҳои нодирро хондан ва барои пешрафти маърифату маънавияти халқамон истифода бурдан забонҳои форсии тоҷикӣ, арабӣ, туркии қадима ва алифбои ниёгонро хуб донистан лозим аст. Холатҳое мушоҳида мешавад, ки аз мероси ниёгони худ дур шудани баъзе одамон ҳис карда мешавад. Ин бозътиноӣ ба таърихи маданияти гузаштаи миллати худ аст. Ба фикри ман, таълими забон аз ду қисм иборат аст: таълими назарӣ ва амалӣ. Дар мадрасаҳои мо асосан ба таълими амалӣ эътибори махсус дода мешуданд. Гарчи шоиру нависандагони мо қоидаҳои забонро ба таври мукаммал надонанд ҳам, аммо аз доираи забони адабӣ берун набаромадаанд. Масалан, дар осори устод Айнӣ ҳамаи типҳои ҷумлаҳои мураккабро пайдо кардан мумкин аст. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан нодуруст мебуд, ки устод қоидаҳои ташкили ҷумлаҳои мураккабро аз ҷиҳати назарӣ медонист. Ҳаргиз ин тавр не. Устод табиати забони тоҷикиро ба хубӣ медонист ва аз забони осори гузаштагону забони халқ устокорона истифода мебурд.

Дар мактабҳо бояд ҳар ду қисм, чи амалию чи назарӣ баробар омӯзонда шавад, ба мақсад мувофиқ аст. Ин ҷо як нуктаро қайд кардан зарур аст. Дар ҳақиқат аксари қоидаҳои забони мо дар асоси китобҳои русӣ саранҷом ёфтаанд ва мо фақат мисолҳоро дар зери қоидаҳо гузоштаему халос. Имрӯз ҳам бештари муаллимони мо ба назария (қоидаҳои забонӣ) эътибори даркорӣ медиҳанду аммо ба ҷиҳати амалии он кам эътибор медиҳанд. Ҳолатҳое мушоҳида карда мешавад, ки хатмкардаи мактаби миёна (мактабҳои олӣ ҳам истисно нест) тарҷумаи ҳол ё як аризаи оддиро бесаводона навишта наметавонанд. Хӯш, саволе ба миён меояд,ки чӣ кор бояд кард? Аввалан, бояд тазаккур намуд, ки як гурӯҳи муайяни муаллимони мактабҳои миёна саводи казоӣ надоранд. Худашон китоб намехонанд. Ҳатто рӯзномаҳои махсуси бароящон мебаромадагиро мутолиа намекунанд. Ҳисси муаллимиашон паст. Мактабҳоеро медонам, ки як нусха рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро намегиранд. Лекин 70-80 нафар бо категорияҳои муайян дарс мегӯянд.

Барои ба таври саҳеҳ фаҳмидани шеър ё фикраи насрӣ, аввало, маънохои маъмул ва пӯшидаи калимаю таркибҳоро дуруст дарк намудан зарур аст. Саволе ба миён меояд, ки маънои калимаю таркибҳоро аз куҷо пайдо кунем. Ба ин савол ҷавоби саҳеҳ ва аниқ чунин аст. Луғатҳо, пеш аз ҳама ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ», муроҷиат бояд кард.

Ба ғайр аз ин дар солҳои охир фарҳангҳои қадимаи машҳур ба мисли «Ғиёс-ул-луғот», «Чароғи ҳидоят», «Тӯҳфатулаҳбоб», «Бурҳони қотеъ» (ҷилди I) ба хати кириллӣ нашр шудаанд. Луғатномаҳои «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ»- ,«Фарҳанги осори Ҷомӣ», «Луғати Айнӣ» таҳия ва нашр шуданд, ки барои пайдо намудани таркиби луғавии забонамон хизматгори беминнатанд. Афсӯс ки аксари муаллимони мактабҳои миёна ин луғатномаҳоро надоранд, агар дошта бошанд ҳам аз онҳо ба таври даркорӣ истифода бурда наметавонанд.

Ба фикрам, вақти он расидааст, ки Институти такмили ихтисоси муаллимони Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои мактабҳои тоҷикӣ як луғати нормативии мактабиро ба нақша гирад ва барои таҳияи он ҷорабиниҳо андешад, чунки луғатҳоеро, ки дар фавқ зикр намудем, аз дӯконҳои китобфурӯшӣ дарёфт намудан амри маҳол аст.

Дар охири мақолаи Абдулло Субҳон чанд байти Ҳофиз таҳлил карда мешавад, ки дар он сирри лисонулғайбии Хоҷа Ҳофиз кушода дода мешавад.

Мақолаи «Донишгоҳи зиндагишиносӣ»-ро барои омӯхтани забону адабиёти мо ва умуман маънавияту маданияти гузаштагони халқҳои Осиёи Марказӣ, хусусан халқҳои эронинажод, як такони хуб ва дар мавриди мувофиқ навишташуда ҳисоб мекунем. Итминон дорем, ки рӯзнома дар оянда ҳам ҳамин гуна мақолаҳои бахсталабро нашр хоҳад кард.

Акси садо

Амон ВОҲИДОВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ.

Ҷашни мактаби 80-сола

Аввалин маърифатгоҳи Варзик

Варзик яке аз деҳаи тоҷикнишини ноҳияи Ҷусти вилояти Намангон буда, дар мактабҳои деҳа хонандагон бо забони модариашон таҳсил мегиранд. Нависандаи бузург ва шоҳсутуни адабиёти тоҷик, дорандаи ҷоизаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ мунаққид, мутарҷим, киносенарист устод Сотим Улуғзода романи нахустинаш «Субҳи ҷавонии мо»-ро ба зодгоҳаш Варзик бахшидааст. Инчунин нависанда Мутеъулло Наҷмиддинов дар «Пайғоми Варзик» ном очеркаш ҳаёти дурахшони деҳаро ба қалам гирифта буд.

Дар деҳа ҳоло 4 мактаби таълими ҳамагонӣ вуҷуд дошта, таълимгоҳи рақами 13 ба номи Темурмалик мактаби аввалини деҳа ба шумор меравад. Мактаби мазкур соли 1922 ташкил ёфта, 27 нафар хонанда аз омӯзгор Собитхон Нӯъмонов таълим гирифтаанд. Сонитар боз як синфи иловагӣ кушода шуда, муаллим Абдураззоқ Воҳидов ба он дарс гуфт. Соли 1937 ин мактаб ба мактаби 7-сола, солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ба мактаби миёна мубаддал гардид.

Солҳои гузашта Холдорбой Халилов, Ҳомидҷон Ғафуров, Зайниддин Шарифов, Умарҷон Ҳасанов, Ҷунайдулло Охунов, Сойиббой Ёқубов, Ҷамолиддин Салоев, Мавлуда Раҷабова, Машраббой Ҳомидовҳо ба мактаб сарварӣ карданд. Ҳоло директории мактабро марди ташаббускору кордон Абдусамад Фузайлов дар ӯҳда дорад.

Мактаб даҳҳо толибилмонро тарбия карда, ба савияи баланди илм расонид. Ҷамолхон Мурувватов, Камолҷон Умаров, Сотимхонхоҷӣ Иньомхӯҷаев, Рисқинбой Иброҳимов, Зоҳидулло Мунавваров, Ғуломҷон Юлдошев баринҳо дастпарварони мактаб дар ҷодаи илм заҳмат кашида, ба унвони доктор ва номзадҳои илм сазовор гаштаанд, ки ҳоло дар донишгоҳ ва донишкадаҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон адои вазифа мекунанд.

Собиқ дастпарварони мактаб Олимҷон Эргашев, Шокирҷон Ашӯрматовҳо мудирони шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияҳои Уйчӣ ва Косонсой, Иньомаддин Камолов прокурори ноҳияи Намангон, Нурулло Бозоров раёсати хизмати миллии вилояти Намангонро дар ӯҳда доранд.

Имрӯзҳо ба 1160 нафар мактабиён 96 нафар омӯзгор ва мураббӣ таълим ва тарбия медиҳанд. Ҷамъ 90 фоизи муаллимони мактаб соҳиби маълумоти олианд. 289 синфи мактаб бо дастурҳои таълимӣ ва асбобҳои аёнӣ ҷиҳозонида шудааст. Хонандагон дар озмунҳои гуногуни ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳурӣ муваффақиятнок иштирок карда, ба ҷойҳои фахрӣ ноил мегарданд.

Мо номи омӯзгорон ва мураббиёни шоистаи таълимгоҳ Назира Шарифова, Саъдулло Эшонов, Бурҳонҷон Шарифов, Фарида Ҷӯраева, Мамлакат Мирзоева, Шаҳодат Улуғхӯҷаева, Ҳабиба Шарофоваҳоро бо фахр ба забон мегирем.

Соли равон ҷамоаи аҳлу тифоқи мактаб 80-солагии ташкилёбии мактабро тантанавор ҷашн гирифтанд. Ба тантанаҳо собиқ дастварварон ва меҳмонон аз дуру наздик ташриф оварданд. Имом-хатиби масҷиди ҷомеи шаҳри Тошканд Каримулло Ҳоҷӣ Мӯъминов, раиси Бунёди байналхалқии Имом ал-Бухорӣ, депутати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон Зоҳидулло Мунавваровҳо дар тантана иштирок карда, ба гурӯҳи устодон тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ба китобхонаи мактаб китобҳо ҳадя карданд.

Анвар МУРОДОВ,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».

Дар акс: директори мактаб **Абдусамад Фузайлов** дар ҳалқаи омӯзгорон ва мураббиён.

Суратгир муаллиф.

TV Барнома

Аз 11 то 15 декабр

ЧОРШАНБЕ 11

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Телефилмҳои «Суратҳои болои шаҳ», «Кулоли ургутӣ». 9.20 Мувозанат. 9.40 Ба бахтамон сиҳҳат бошед. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Сабақҳои алифбо. 10.25 Сериали «Виҷдон». 11.50 ТВ Клип. 12.05 Инсон ва қонун. 12.25 Мултфилм. 13.05 Театр ва мусиқӣ. 13.40 Сериали «Ошин». 14.10 Остонааш аз тилло. 14.30 Филми бадеии «Санги хунин». 15.45 Бастакорони Ўзбекистон. 16.10 Дар оилаи ягона. 16.40 Боварӣ. 17.00 Экран ба хурдтаракон: мултсериал. 18.10 Ҳунарманд. 18.30 Телелотереяи «Умид». 19.00 Як ҷуфт суруд. 19.10 Мулк. 19.25, 19.55, 20.25,21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Рӯ ба рӯ. 20.30 Ахбор. 21.05 Уфуқҳои тараққиёт. 21.25 Сериали «Ошин». 21.55 Як ҷуфт суруд. 22.05 Ба пешвози Сессияи Х Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соати парлумонӣ. 22.25 Аския. 22.55 Қисми якуми «Оинаи таърих». 23.20 Ахбор дайҷест. 23.40 Тимсоли ватан.

Ўзбекистон II

YOSHLAR 8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Экран ба хурдтаракон. Студияи «Авлоди нав» театри Кичкинтой, дунё ва бачаҳо. 9.45 Мултсериал. 9.55 Давр сӯҳбат. 10.10 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.20 Гарҳи ТВ. 10.25 Сериали «Эсмералда». 10.15 Такягоҳ. 11.10 Сериали «Баъд аз дуҳазор сол». 11.30 Дидор. 11.50 Овози ҷавонон. 12.10 Варзиш. Нокаут-теннис. 13.15 Устои гулдаст. 13.35 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 14.25 Оҳангҳои дерина. 14.35 Ҷавонони рӯз. 14.55 Дастури маърифати «Сайёраи сеюм» 15.45 Автопатрул. 16.05 Сериали «Комиссари политсия». 16.55 Эълони намоишҳо. 17.00 Студияи «Авлоди нав» кабӯтари сафед. 17.20 Мултсериал. 17.30 Шарҳи ТВ. 17.35 Овози ҷавонон. 17.55 Ҳуқуқ ва қарз. 18.15 Асрори чемпион. 18.35 Каталог. 18.45 Навоҳои шом. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Таронаҳои муҳаббат. 20.00 Спортлото. 20.10 Дастархони пурфайз. 20.25 Сират. 20.45, 21.20, 22.35 Эълонҳо. 20.50 Сериали «Эсмералда».21.25 «Бунёдкор» телеклуби ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 2310 Варзиш. Интерфутбол, дар танаффус Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.20,22.20 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Меҳмонхонаи мусиқӣ. 18.30, 20.00, 21.10, 22.40 Пойтахт. 18.50 Ёднома. Ҳунарпешаи мардумӣ Ўктам Ҷобиров. 19.40 Телеклуби «Зан модар, мураббӣ, раҳбар». 20.30 Сериали «Изабеллаи азизам». 21.30 Мулоқоти бевоситаи «Дорухона мешунавад». 23.05 Кинонигоҳ. «Гувоҳ». 00.50 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

8.30-9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.15 Намоишҳои ТВ Туркия. 17.45 Эълони намоишҳо. 17.50 Вести. 18.05 Навигариҳои Евронюс. 18.20 Н. Озеров панҷ соли бешарҳ. 19.00 Консерт. 21.00 Время. 21.40 Тиҷорат ревю. 21.45 Филми бадеии «Ҳаёти осоишта». 23.55 Оҳангҳои ҳинд 00.10 Фабрикаи ситораҳо 00.40 Ахбор (русӣ). 1.15 Шаб ба хайр.

ПАНҶШАНБЕ 12

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон.0 8.00 Ахбор. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Телефилми «Ба сӯи оянда». 9.20 Уфуқҳои тараққиёт. 9.40 Барои бачаҳо «Фламинго». 10.00, 12.00, 14.00,18.00 Навигариҳо. 10.05 Мулк. 10.20 Қисми якуми филми бадеии «Алпомиш». 11.35 Оламро эҳтиёт кунед. 11.55,13.55 Шарҳи ТВ. 12.05 Мултфилм. 13.15 ТВ Клип. 13.25 Сериали «Ошин». 14.10 Намоиши бадеӣ- публисистии «Боғам маро фаромӯш нахоҳад кард». 14.30 Филми ҳуҷҷатии «Фароиботи замин». 15.40 Воҳуриҳои мусиқӣ. 16.10 Теленовеллаи Сабр». 16.35 Экран ба бачаҳо. «Ҷазирачаи ҳарфҳои сеҳрнок». Бешбармоқ.17.35 Мултсериал. 18.10 Медонему аммо... 18.30 Телелотереяи »Яхши ният». 19.00 Инсон в қонун. 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30. Ахбор. 21.05 Дар сессияи Х Олийи Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм. 22.35 Консерт бо иштироки устодони санъат ва сароянадагони ҷавон. 23.00 Қисми дуюми «Оинаи таърих». 23.25 Ахбор дайҷест. 23.45 Тимсоли ватан.

Ўзбекистон II

YOSHLAR 8.55 Эълони намоишҳо. 9.00. Давр. 9.15. Студияи «Авлоди нав» кабутари сафед. 9.35 Мултсериал. 9.45 Ҳуқуқ ва қарз. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.15 Шарҳи ТВ. 10.20 Сериали «Эсмералда». 10.45 Шуоҳои тафаккур. 11.00 Қитъаи варзиш. 11.30 Асрори чемпион. (русӣ). 11.50 Овози ҷавонон. 12.10 Филми бадеии «Қадрдони миррихиам». 13.40 Фарзандони диёри озод. 14.00 Оҳангҳои дерина. 14.15 Интерфутбол. 15.55 Сират. 16.15 Сериали «Комиссари политсия». 17.05 Эълони намоишҳо. 17.10 Студияи «Авлоди нав» майдончаи варзиш. 17.30 Мултсериал. 17.40 Сурудҳои бачагии хушбахтона. 17.55 Шарҳи ТВ. 18.00 Маҳаллаи ман. 18.20 Дар олами табобат. 18.40 Навоҳои шом. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.45 Шарҳи ТВ. 19.50, 20.25, 22.35 Эълонҳо. 19.55 Сериали «Эсмералда». 20.30 Видеофилми «Ҷавонони Ўзбекистон». 20.50 Дастури мусиқии «Ишқи ёр». 21.10 Бегойим. 21.30 Овози ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Интерфутбол. 23.55 Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.05, 22.00 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Экран ба хурдтаракон. 18.30, 20.00, 21.10, 22.20 Пойтахт. 18.50 Навниҳол. 19.25 Фасли камолот. 19.45 Бо эҳтиром. 20.30 Сериали «Изабеллаи азизам». 21.30 Ҳамсафари умр. 22.45 Кинонигоҳ«Ин воқеа шабона рӯй дода буд». 00.20 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30—9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.15 Намоишҳои ТВ Туркия. 17.45 Эълони намоишҳо. 17.50 Вести. 18.05 Навигариҳои Евронюс. 18.15 Намоиши ҳаҷвии «Ҳазл аз паси ҳазл». 18.55 «Қаҳрамони охирин-2». 20.00 Консерт. 21.00 Время. 21.25 Давоми консерт. 23.30 Фабрикаи ситораҳо. 24.00 Навигарҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 00.10 Ахбор (русӣ). 00.45 Шаб ба хайр.

ҶУМЪА 13

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Экран ба хурдтаракон «Ҷазирачаи ҳарфҳои сеҳрнок», Бешбармоқ. 10.00, 12.00, 14.00,18.00 Навигариҳо. 10.05 Телефилми «Маскани хотира». 10.20 «Шарҳи портрет» серияи 2. 10.40 Филми бадеии «Алпомиш». 12.05 Инсон ва қонун. 12.50 Телеалманахи «Олам». 13.00 Панди падарон. 14.10 Консерти устодони санъат ва сароянадагони ҷавон. 14.35 Филми ҳуҷҷатии «Ҳақиқат дар бораи паррандаҳо». 15.25 Дар болу пари орзуҳо. 15.40 ТВ клип. 15.50 Такягоҳ. 16.10 Ҳаракату баракат. 16.30 Шарҳи ТВ. 16.35 Экран ба хурдтаракон телемусобиқаи «Фикр кун, ҷӯй, ёб», мултфилм. 17.40 Манзилҳои нурафшон. 18.10 Сурудамон пешкаши шумо. Т. Парпиев. 18.30 Қадамҳои тиббиёт. 18.45 Тафсилот. 19.05 Студияи «Зиё» дар роҳи мустаҳкамии эътиқод. 19.25,19.55, 20.25,21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Як ҷуфт суруд. 20.30 Ахбор. 21.05 Дар сессияи Х Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм. 22.05 Ўзбекистон ватани ман. 22.30 Сериали «Ошин». 23.00 Қисми сеюми «Оинаи таърих». 23.25 Варзиш. 23.40 Ахбор дайҷест. 24.00 Тимсоли ватан.

Ўзбекистон II

YOSHLAR 8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». Майдончаи варзиш. 9.35 Сурудҳои бачагии хушбахтона. 9.50 Мултсериал. 10.00 Шарҳи ТВ. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.15 Сериали «Эсмералда». 10.45 Ҳазору як маслиҳат. 11.05 Сериали «Баъд аз 2000 сол». 11.25 Маҳаллаи ман. 11.45 Бегойим. 12.05 Мултфилм. 12.30 Интерфутбол. 14.10 Оҳангҳои дерина. 14.25 Овози ҷавонон. 14.45 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 15.35 Наво. 15.50 Сериали «Комиссари политсия». 16.40 Эълони намоишҳо. 16.45 Студияи Авлоди нав. Ў кист? Ин чист? Ҳама чизро донистан меҳоҳам. 17.15 Мултсериал. 17.25 Шарҳи ТВ. 17.30 Рӯ ба рӯ бо оташ. 17.45 Аҷоиботи олам. 18.05 Автосалтанат. 18.20 Сиҳҳат бошед. 18.40 Навоҳои шом. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Хайрбодӣ бо сериали «Эсмералда». 19.50,20.25,22.35 Эълонҳо. 19.55 Қисми хотимавии сериали «Эсмералда». 20.30 Нигоҳи Давр. 20.50 Навоҳои ҷавонӣ. 20.10 Овози ҷавонон. 21.30 Мактубҳои сарбозон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш, шоҳони ринг. 00.10 Давр. 00.25 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.15. 21.45 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Экран ба хурдтаракон. 18.30, 20.00, 21.10, 22.30 Пойтахт. 18.50 Худуди ҷавонон. 19.35 Мусиқӣ. 19.45 Моҳир. 20.30 Сериали «Изабеллаи азизам». 21.30 Дар хизмати мардум. 22.05 Ҳамшаҳриён. 22.55 Кинонигоҳ. «Аноӣ». 00.15 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30—9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.15 Намоишҳои ТВ Туркия. 17.45 Эълони намоишҳо. 17.50 Вести. 18.05 Навигариҳои Евронюс. 18.15 Намоиши ҳаҷвии «Мо аноӣ нестем». 18.45 Майдони мӯъҷизаҳо. 19.55 «Қаҳрамони охирин-2». 21.00 Время. 21.30 Фабрикаи ситораҳо. 22.45 Чӣ? Дар куҷо? Кай? 00.05 Ахбор (русӣ). 00.40 Шаб ба хайр.

ШАНБЕ 14

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 9.00 Экран ба хурдтаракон: Ўзбекистон ватани ман. 9.25 Студияи «Зиё» дар роҳи мустаҳкамии эътиқод. 9.45 Мултфилми «Маугли». 11.20 Варзиш. 11.35 Шарҳи ТВ. 11.40 Қисми якуми филми бадеии «Дар рӯи санг ҳам дарахт мерӯяд». 12.45 Телеалманахи «Маърифат». 13.05 Қисми дуюми филми бадеии «Дар рӯи санг ҳам дарахт мерӯяд». 14.30 Ҷараёни адабӣ нависанда ва давр, шеър ва шуур. 15.05 Барои бачаҳо «Фламинго». 15.25 Дар оилаи ягона. 15.55 Спектакли «Як кам дунё». (Т. Юнус). 17.35 Мултсериал. 18.00 Дунёи рангин. 18.15 Экран ба хурдтаракон телешоуи «Майдончаи мӯъҷизаҳо». 19.05 Филми ҳуҷҷатии «Ҳамин тавр инсон ҳаст». 19.25,19.55,20.25,21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.30 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Дар хонаи обод одамони пок зиндагӣ ба сар мебаранд. 21.25 Телешоуи «Арӯсу домод». 23.05 Филми бадеии «Найранг». 00.35 Тимсоли ватан.

Ўзбекистон II

YOSHLAR 7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав» Ў кист? Ин чист? Ҳама чизро донистан меҳоҳам. 9.30 Клуби бачаҳо. 9.55 Мулттамошо. 10.10 Дар олами табобат. 10.30 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.40 Шарҳи ТВ. 10.45 Хайрбодӣ бо «Эсмералда». 10.55 Сериали «Эсмералда» қисми хотимавӣ. 11.35 Нигоҳи Давр. 11.55 Шоҳони ринг. 12.55 А. Қурбонов месарояд. 13.15 Қисми чоруми филми телевизионии бадеии «Лафз». 13.50 Овози ҷавонон. 14.10 Оҳангҳои дерина. 14.25 Варзиш теннис. 15.05 Тилисми оила. 15.30 Сериали «Экспедитсия». 16.20 Эълони намоишҳо. 16.25 Студияи «Авлоди нав» бекор нашин. 16.45 Мулттамошо. 17.00 Аз забони бача. 17.30 Шарҳи ТВ. 17.35 Футбол ҷамъ. 17.55 Тиҷорат академия. 18.15 Асрори тандурустӣ. 18.35 Каталог. 18.45 Навоҳои шом. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр.19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Таронаҳои муҳаббат. 19.55 Давр репортаж. 20.05 Оҳанрабо. 20.40 Меҳмони ғайричашмдошт. 21.00,21.40,22.35 Эълонҳо. 21.05 Филми телевизионии бадеии «Лафз» қисми 5. 21:45 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Таронаҳои шабона. 22.55 Кинотақдим. 23.15 Қисми якуми филми бадеии «Қисмати танҳоӣ». 00.25 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Мултчархифалак. 17.40 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 18.10, 19.40, 21.20 Телегазетаи «Экспресс». 18.30 Афиша. 18.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 19.00 Пойтахт аз шанбе то шанбе (русӣ). 19.20 Хусусигардонӣ давра ба давра. 20.00 Табрику муборакбод мекунем. 20.45 Ҳамчун гавҳар. 21.00 Пойтахт аз шанбе то шанбе. 21.40 Кинонигоҳ «Бачаи ба иҷорагирифташуда». 23.10 Шаб ба хайр,, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Мусиқӣ. 9.10 Мултсеанс. 9.25 Худ ба худ режиссёр. 10.10 Лаззат. 10.30 Саёҳат бо табиатшинос. 11.00 Мазахӯракҳо. 11.45 «Аслашро гӯем». 12.20 Одамони корчаллон. 12.40 Аз хафт то хафтод. 13.10 Экипаж. 13.40 Видеоканали «Дӯстӣ» Бизнен мерас, чинсен, шарҳи олмонӣ. 17.30 Эълони намоишҳо. 17.35 Мусиқӣ. 18.00 Дурдаршан. 18.25 Соккарклуб. 18.45 Ассалом, Франсия. 19.00 Олами вертуал. 19.10 «КВН—2002». Супербозӣ. 21.40 Шлягер. 21.55 Олами зебои мӯдҳо. 22.10 Хит парад. 22.30 Воситаи зиндагӣ. 22.45 Мусиқӣ. 22.55 Бо хамроҳии Т. Болонская. 23.15 Автострада. 23.25 Зарбаи дутарафа. 23.35 Ахбор (русӣ). 00.10 Филми бадеии «Дуздӣ дар Монте Карло». 1.50 Шаб ба хайр.

ЯКШАНБЕ 15

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.40 Барои бачаҳо кинодастури «Камалак». 9.20 Зиёкорон. 9.30 Телеминиатураҳо. 10.00 Ба ватанам хизмат мекунам. 11.00 Меҳри модар. 11.20 Барои бачаҳо филми «Саргузашти сеҳрнок». 12.35 Оҳангҳои замини куҳан. 13.00 Толешоуии «Майдончаи мӯъҷизаҳо». 14.00 Қисми якуми филмии бадеии «Арӯси дуздиданашуда». 15.35 Гавҳари қалб. 15.55 Қисми дуюми филми бадеии «Арӯси дуздиданашуда». 17.25 Дарҳои дунё бароямон кушода шуданд. 17.45 Мултсериал. 18.10 Солҳои талабагиам. 18.30 Ҳокимияти чорум. 18.45 Телелотерияи «Оқ олтин». 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25,20.00,20.25,21.10 Эълонҳо. 19.30 Таҳлилнома (русӣ). 20.05 Ҳамроҳи шумо. 20.30 Таҳлилнома. 21.15 Модари сиҳҳат фарзанди солим. 21.35 Умри ба санъат бахшидашуда. Ҳалима Носирова. 22.00 Чемпионати Ўзбекистон аз рӯи бокс. 23.00 Филми бадеии «Бизнеси оилавӣ». 00.45 Тимсоли ватан.

Ўзбекистон II

YOSHLAR 7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав» бекор нашин. 9.20 Мулттамошо. 9.35 Шарҳи ТВ. 9.45 Давр репортаж. 9.55 Футбол ҷамъ. 10.15 Дастрахони пурфайз. 10.30 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.40 Заковат. 11.35 Дастури ҳарбӣ-ватанпарварӣ. Марди майдон мактубҳои сарбозон. 12.15 Аҷоиботи олам. 12.35 Ҷоизадорони мукофоти «Ниҳол» месароянд. 12.50 Асрори чемпион. 13.10 Қисми панҷуми филми телевизионии бадеии «Лафз». 13.45 Оҳангҳои дерина. 13.55 Экран ба хурдтаракон. «Дубровка». 15.10 Кӣ чолоку кӣ чаққон. 15.30 Сериали «Экспедитсия». 16.20 Ҳамсинни деҳотиам. 16.40 Дастури маърифатии «Сайёраи сеюм». 17.30 Эълони намоишҳо. 17.35 Студияи «Авлоди нав» вазифаи хона. 17.55 Клуби бачаҳо. 18.20 Шарҳи ТВ. 18.25 Ҳафтаномаи варзиш. 18.40 Навоҳои шом. 18.55,21.55 Иқлим. 19.00 Давр навигариҳо. 19.15 Шарҳи ТВ. 19.20 Навоҳои ҷавонӣ. 19.35 Очун. 20.00 Зина ба зина. 20.30 Ҷараён. 20.55,21.35,22.30 Эълонҳо. 21.00 Филми телевизионии бадеии «Лафз» қисми шаш. 21.40 Н. Асқаров месарояд. 22.00 Як хафтаи Давр. 22.35 Шарҳи ТВ. 22.40 Таронаҳои шабона. 22.50 Қисми дуюми филми бадеии «Қисмати танҳоӣ». 00.20 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Олами сеҳрноки афсонаҳо. 19.00,20.40, 21.40 Телегазетаи «Экспресс». 19.20 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 19.50 Телефакт. 20.00 Табрику муборакбод мекунем. 21.00 Шарҳи Пойтахт. 21.25 Эътиқод. 22.00 ТВ ҷамъ. 2.30 Кинонигоҳ «Рӯзҳои муҳаббат». 00.10 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Мусиқӣ. 9.10 Мултсеанс. 9.25 Барои бачаҳо филми бадеии «Се чормағз барои Золушка». 11.00 Барономаи ахбору истироҳатии «Кайфият». 12.30 Забони франсавӣ. 12.55 «Файн тайм». 13.05 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 13.15 Забони англисӣ барои шумо. 13.40 Видеоканали «Дӯстӣ» Дидор, **Рангинкамон**, қароқалпоқнома, забони куриёиро меомӯзем. 16.55 Эълони намоишҳо. 17.00 Бунафша. 17.20 Ҳикоя.17.40 «Аслашро гӯем...» 18.20 Филми ҳуҷҷатӣ. 19.00 Маро интизор бош. 20.00 Телебозии «Кӣ миллионер шудан мехоҳад?». 21.00 Время. 21.35 Интерклуб. 22.15 Ҳамсиннон. 22.45 Одамони азиз. 23.10 Кинопрофӣ. 2ф3.30 Бокс, муштзанони зӯртарини ҷаҳон К. Берд—Э. Холифилд. 00.30 Таҳлилнома. 1.10 Шаб ба хайр.

Турфа олам

Аз қадампартоӣ медонанд

Тадқиқгарони амрикоӣ аз Пажӯҳишгоҳи технологии иёлоти Ҷорҷия технологияеро, офаридаанд, ки имкон медиҳад инсонро аз роҳгардӣ ва рафтораш муайян кунанд, ки чӣ гуна мебошад. Ба фикри ихтироъкорон технологияи мазкур дар мубориза ба муқобили терроризм нақши калон мебозад ва ба ташхиси тиббӣ кӯмаки калон мерасонад.

Усули муайян кардани рафтор ва қадампартоии инсон оддӣ буда, аз ҷиҳати сохт ба технологияе шабеҳӣ дорад, ки полис дар мубориза бо муқобили қонуншиканони роҳ истифода мебарад. Яъне технологияи мазкур ҳамчун радар буда, маълумотҳои аз он ҳосилшуда тавассути компутер аз нав кор карда мешавад. Мақсад аз он то 150 метр хоҳ рӯзонаву шабона муайян кардани рафтори одам аз қадампартоияш аст.

Тадқиқотгарон ҳарчанд дар бораи технологияи мазкур ду соли расо кор карда бошанд ҳам, акнун ба натиҷаҳои аввалин муваффақ гардиданд. То ҳол чанд намуди ин технология аз байни 100 ҳазор нафар одам танҳо рафтору фикри якеашро аз рӯи қадампартоияш муайян кардааст. Аз ҳамин сабаб ҷустуҷӯ давом дорад ва ба нишондиҳандаҳои сифатиаш диққату эътибор пурзӯр гардидааст.

Ихтирои мактабхон

Мактабхон аз шаҳри Брэкони Англия (номи ӯ сир нигоҳ дошта мешавад) манупуляторӣ компутерро офарид, ки метавонад дар оянда вазифаи мушакҳоро ба ҷо оварад. Манупулятор аз дастпӯшаки дорои асбобҳои ҳисобкунак иборат буда, ҳаракати ангуштҳоро муоина мекунад. Ва маълумотҳоро ҷамъ оварда, ба компутер медиҳад. Дастпӯшак на танҳо маълумот ҷамъ меоварад, балки ҳаракати ангуштонро муоина карда, ба кадом тарз кор карданашонро ҳам маълум мекунад. Барои ба кор даровардани дастпӯшак каме ҷунбондани ангуштон кифоя аст.

Рекорди нав

Луак Леферми фаронсавӣ рекорди ҷаҳонро дар бобати дар зери об нишастан бидуни акваланг ва нафасгирии худӣ нав кард. Тадқиқотгари 32 сола ба қаъри об 162 метр рафта, рекорди дар ин бобат гузоштаи амрикоӣ Тани Стрикёрро ба ду метр нав кард.

Натиҷаи рекордӣ дар соҳили баҳри Миёназамини назди Фаронса қайд гардида, он беш аз се дақиқа давом кардааст.

Кулбаи маркази Лондон

Кулбаи мазкур, ки ба фикри инглисҳо таърихӣ ба ҳисоб мераваду маъвои аҷдодон аст, ҳамагӣ аз чанд барги дарахти чормағзу қамиш сохта шудааст. Дар маъвои мазкур аввалин шахсе зиндагонӣ дорад, ки ба таърихи қадима майлу шавқи беандоза дорад. Ва ӯ аз ҳамааш розӣ асту танҳо ба мағали дар шаҳр ҳукмрон буда, норозиёна муносибат мекунад.

Ба кулба меҳмонони сершумор меоянд. Махсусан мактабхонон бештар меоянд ва меҳоҳанд, ки аз кулбаи аҷдодон бохабар гарданд. Вале аксари онҳо фикрро дар ин бобат изҳор мекунанд, ки дар чунин шароит ҳаёт ба сар бурдан дар садаи кунунии пешрафт аз имкон берун аст.

Зебосанами маҳбасхона

Дар Литва озмуни ғайриоддӣ тахти унвони «Зебосанами маҳбасхона» гузашта, дар он ҷинси латифи зебои маҳбасхона—маҳбасзан муайян мегардад. Дар он на танҳо намояндагони мамлакат, балки меҳмонон низ иштирок карда, ба шароити зиндагонӣ ва истироҳати маҳбусон аз наздик ошно мешаванд.

Барои ба даст овардани унвони «Зебосанами маҳбасхона» маҳбусони аз 18 то 35 сол дошта муборизаро оғоз намуданд. Озмун қариб як сол давом карда, дар чандин марҳала ва дар чанд маҳбасхона мегузорад. Вале дар он ҳуқуқи иштирок карданро маҳбусоне надоранд, ки ҷинояти вазнин содир кардаанд. Аз он ҷумла одамкушҳо, дуздон ва ягмогарони ашаддӣ иштирок намекунанд.

«Зебосанами маҳбасхона»-и ғолиб омада бо 10 ҳазор литов, яъне 2 ҳазору 700 доллар тақдир карда мешавад. Ӯ маблағро баъди адои вақти ҷазояш аз бонк мегирад.

Садақа барои шикамсеркунӣ

Герхарди бехонаи 30-солаи олмонӣ ҳамеша дар маркази диққату эътибори меҳмонон ва сайёҳони шаҳри Севиляи Испониё мебошад. Ӯ мудом дар наздаш навиштаҷоти зеринро дорад. Барои ба Феррарӣ рафтан кӯмак расонед?»

—Дигар илоҷ надорам. Ҳарчанд хуб медонам, ки дар мусобиқаҳои Феррарӣ иштирок кардан бароям як хомхаёл аст, ин корро ба ҷо меоварам.

Чунки мусобиқоти Феррарӣ пеш аз ҳама хароҷоти калон, дар айни замон сӯзишвории зиёдеро тақозо дорад.

Гарчанд рӯзе ба ҳисоби миёна алҳол, аз 8 то 12 евро садақа мерӯёнад, вале ин маблағ барои хӯроки якрӯзаву сигоркашиаш базӯр мерасад.

Шоҳи қаъри баҳр

Наҳанг ҷонварест, ки мукаммал ривоҷ ёфтааст. Ба ҳаёт то чӣ андоза тобовар будани онро олимон ҳатто ба ангушти ҳайрат ба забон мегиранд. То пайдо шудани одамизод наҳангҳо ҳақиқатан «шоҳи» қаъри баҳру уқёнус будаанд, ки онро маълумотҳои сершумори таърихӣ собит менамоянд.

Ба фикри олимон дарозии вай 14 метр буда, аз ҳама сервазнаш 33 тонна аст. Дар як соат ба 40 километр шино карда метавонад. Дарозии дандонҳои наҳанг 15 сантиметр. Фароҳии даҳонаш ҳам бузург аст ва шаш одам якбора ба он мегунҷад. Ҳисси бӯёии онҳо баланд аст.

Наринааш модинаашро аз 3 километр масофа пай мебарад.

Ба тадқиқи наҳангҳо олимон Генри Бегелоу ва Вилям Шредер соли 1948 шурӯъ кардаанд, ки ба илм танҳо 225 навъ наҳанг маълум аст. Баъд миқдори онҳо 250 адад маълум карда шудааст. Баъди даҳ сол, яъне соли 1958 дар конфронси байналхалқӣ оид ба наҳангҳо алҳол мавҷуд будани 300 навъи он маълум карда шуд. Солҳои навадум бошад, навъҳои наҳанг 500 адад муайян гардидаанд.

То ҳол дар байни олимон фикру мулоҳизаҳои баҳснок дар бобати одамхӯр будани наҳангҳои сафед афзалият дошт. Вале онро олимони кенияги ба пуч бароварданд. Тадқиқотҳои онҳо нишон дод, ки наҳангҳо ҳеҷ гоҳ аввалин шуда ба инсон ҳуҷум намеовардаанд. Ба фикри ихтилиогҳо, яъне наҳангшиносон дар рӯи ҷаҳон ҳуҷуми наҳангҳо ба инсон то ҳол ҳамагӣ 70 адад муайян шудааст дахтои он ба фавти инсон ба анҷом расидааст.

Вале инсон нисбати наҳангҳо бешавқатӣ зоҳир мекунад. Ҳар сол ба ҳисоби миёна аз дасти одамизод дар саросари ҷаҳон 100 миллион наҳанг нобуд мегардад. Шикорчиён танҳо олоти шиновари онро гирифта, дигар узвҳояшро ба баҳр мегуронанд. Зеро он барои пешгирӣ кардани маризии саратон давои хуб будааст.

Ҳами тавр «шоҳи» қаъри баҳр алҳол дар вазъи душвор мондааст ва муҳофизони табиати ҷаҳон алҳол аз паи пешгирӣ кардани қироншавии он муборизаро давом дода, онро ба муҳокимаи сатҳи давлатӣ бардоштаанд.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 1140
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Х/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Т. ОЛИМБОЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. ТӮХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.